**АКАДЕМИЯИ ВАЗОРАТИ КОРҲОИ ДОХИЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

Бо ҳуқуқи дастнавис

**ВБД:** 343.9 (575.3)
**ТКБ:** 67.99 (2Т) 8
**С**-14

**САИДЗОДА МЕҲРУБОН АКБАРХОН**

# ҶАВОБГАРИИ ҶИНОЯТӢ БАРОИ БА ХУДКУШӢ РАСОНИДАН ТИБҚИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**АВТОРЕФЕРАТИ**
диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ

Душанбе – 2026

**Диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро гардидааст.**

**Роҳбари илмӣ:** **Шарипов Тақдиршоҳ Шарифович** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:** **Абдухамитов Валиҷон Абдуҳалимович** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи славянии Россия-Тоҷикистон;

**Гайратов Тимуршо Муборакшоевич** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дотсент, декани факултети иқтисод ва тиҷорати Донишгоҳи давлатии тиҷоратии Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар:** Муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии «Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон» (ш. Душанбе).

Ҳимояи диссертатсия санаи «25» апрели соли 2026, соати $9^{00}$ дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, кӯчаи Буни Ҳисорак, толори шурои диссертатсионии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ) баргузор мегардад.

Автореферат «___» ___________ соли 2026 тавзеъ шудааст.

**Котиби илмии**
**шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ** **Мирзозода Қ.Х.**

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Мутобиқи моддаи 5-и Конститутсияи ҶТ инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ арзиши олӣ буда, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро давлат эътироф, риоя ва ҳифз менамояд. Ҳаёти инсон аз лиҳози арзишӣ ҳолатест, ки аз ҷониби кулли ҷомеа ва ҳар инсони алоҳида ҳамчун неъмат шинохта мешавад [1]. Ҳуқуқ ба ҳаёт дар асоси принсипҳои инсондустонаи сохтори иҷтимоӣ қарор дорад. Ба ҳамин сабаб, давлат уҳдадор аст ҳаёти шаҳрвандони худро ҳифз намояд, барои татбиқи пурраи ин ҳуқуқ шароити заруриро фароҳам оварад, инчунин муҳити бехатар ва шоистаро барои зиндагӣ ва рушди онҳо таъмин кунад.

Дигаргуниҳое сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодие, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади ташаккули давлати ҳуқуқбунёд ва барпо гардидани ҷомеаи шаҳрвандӣ амалӣ мегарданд, бо ду тамоюли ба ҳам мухолиф тавсиф мешаванд. Аз як тараф, раванди демократикунонӣ ва озодасозии ҳаёти ҷамъиятӣ мушоҳида мегардад, ки он бо татбиқи ислоҳоти мукаммали ҳуқуқӣ ҳамроҳ аст. Аз тарафи дигар, зиддиятҳои иҷтимоӣ ва мунокишаҳои байнишахсӣ шиддат мегиранд. Ин равандҳо бо афзоиши нобаробарии иҷтимоӣ, паҳншавии муносибати беэътиноёна нисбат ба арзишҳои маънавӣ, инчунин таблиғи бераҳмӣ ва зӯроварӣ ҳамроҳ мешаванд. Ҳамаи ин омилҳо ба болоравии сатҳи таҷовузкорӣ дар байни одамон мусоидат намуда, ин баъзан дар шаклҳои криминалии рафтор зоҳир мегардад.

Илова бар ин, бо пешрафти техникию технологӣ ва рушди минбаъдаи ҷомеа намудҳои қаблан номаълуме аз ҷиноятҳо ва усулҳои содир намудани онҳо ба миён меоянд. Аз ҷумла, паҳншавии васеи Интернет боиси пайдоиши шаклҳои нави рафтори худкушӣ гардидааст, ки густариши онҳо мустақиман бо зиёдшавии шумораи истифодабарандагони фаъоли шабакаи ҷаҳонӣ вобастагӣ дорад.

Ҳамин тариқ, 10 июли соли 2014 Асосгузори сулху вахдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумхурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Рахмон Дар Суханронӣ дар маҷлиси васеи ҳайати мушовараи Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ироа намуда буданд, ки «Падидаи нангини худкушӣ ва сӯйиқасд ба он низ яке аз мавзӯъҳои мубрами рӯз ва боиси ташвиши ҷиддии ҷомеа ва давлат мебошад. Бо вуҷуди чораҳои андешидашуда рӯй додани чунин ҳодисаҳои нангин идома дошта, фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дигар сохтору мақомоти масъули давлатӣ дар

пешгирӣ ва ошкор намудани сабабу омилҳои онҳо ҳанӯз қонеъкунанда нест» [2].

Истифодаи василаи ҳуқуқию ниҳодии ҳимояи ҳаёти ҳар кас аз ҷониби давлат, кушишҳои ташаккули фазои оштинопазир нисбати зуҳуроти муносибати бераҳмона ба ҷабрдидагон, паст задани шаъну эътибори онҳо, ки усули ба худкушӣ расонидан мебошанд, натиҷаҳои мусбати қобили интизорро ба бор намеоранд.

Чунончи, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» ҳимояи ҳуқуқ, озодиҳо ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандонро чун вазифаҳои муҳимтарини милитсия мустаҳкам кардааст [4]. Инчунин, вазифае, ки дар Қонуни ҶТ «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» [5] ва «Барномаи давлатӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила дар ҶТ барои солҳои 2025-2030» [3] барои решакан кардани он пешбинӣ шудааст, татбиқи ҳамаҷонибаро тақозо мекунад.

Маҳз аз ҳамин сабаб қонуни ҷиноятӣ оид ба муқовимот бар зидди ба худкушӣ расонидан мавқеи хосро ишғол менамояд. Қонуни ҷиноятӣ, ки ба туфайли табиати ҳуқуқии худ василаи махсус аст, ки бо ёрии он давлат ба ҳодисаҳои кирдори ғайриқонунӣ вокуниш мекунад ва амали ин қонун ба он соҳаҳои муносибатҳои ҷамъиятие паҳн мегардад, ки танзими онҳо бо истифода аз меъёрҳои ҳуқуқии соҳаи дигар басанда нест. Вобаста ба ин нақши махсус дар пешгирии ҳодисаҳои ба худкушӣ расонидан бояд ба воситаҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ нисбат дода шавад.

Ислоҳотҳои ҳуқуқии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон идома дошта таҳқиқотҳои назариявии масоили ҳифзи ҳуқуқи ҷиноятии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрвандро талқин мекунад. Қонунгузории ҷиноятӣ дар пайи арзиши олӣ эътироф намудани ҳаёти инсон, муқаррароти м. 5-и Конститутсияи ҶТ-ро тадбиқ мекунад.

Вобаста ба ин, аз ҷумла дар м.109 КҶ ҶТ бевосита ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ба худкушӣ расонидани шахси дигар муқаррар шудааст.

Падидаи иҷтимоӣ дар намуди худкушӣ намудан дар Тоҷикистон то андозае паҳншуда ба ҳисоб меравад. Алҳол Тоҷикистон аз ҷиҳати миқдори худкушӣ дар ҷаҳон яке аз ҷойҳои пешсафро ишғол мекунад. Мутаасифона, алҳол дар Тоҷикистон дар бисёре аз ҳодисаҳои худкушӣ таркиби ҷиноят дида намешавад.

Чунончи, дар соли 2019 – 632, 2020 – 483, 2021–569, 2022 – 487, 2023 – 456 ҳодисаҳои худкушӣ ва суйиқасд ба он ба қайд

гирифта шуда, аз ин шумора мутаносибан дар соли 2019 – 51 ҷиноят, 2020 – 42 ҷиноят, 2021–45 ҷиноят, 2022 – 48 ҷиноят, 2023 – 48 ҷиноят ба қайд гирифта шудааст [31].

Бояд дар хотир дошт, ки ракамҳои зикршуда баёнгари вазъи воқеии ҷиноятӣ ба худкушӣ расонидан намебошанд, чун ки ҷинояти мазкур бинобар номукаммалии ҳуқуқию техникии м. 109 КҶ ҶТ ва ҳам мураккабӣ ва духӯрагии таърифи худкушӣ ва тафриқабандии ба худкушӣ расонидан (м. 109 КҶ ҶТ) аз одамкушӣ (м. 104 КҶ ҶТ) хусусияти хеле пӯшида доранд.

Илова бар ин, мушкилоти бандубасти дурусти ҷиноятe, ки дар моддаи 109 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст, дар амалия душвориҳои ҷиддиро ба миён меорад. Мушкилоти асосӣ ба исботи он вобастаанд, ки маҳз рафтори ғайриқонунии гумонбаршаванда ба оқибатҳои худкушӣ оварда расонидааст, инчунин ба душвориҳои муайян намудани дақиқи шакли гуноҳ ва зарурати фарқгузории ин ҷиноят аз таркибҳои муҷовир марбутанд, ки дар онҳо худкушии ҷабрдида метавонад яке аз натиҷаҳои эҳтимолӣ ба шумор равад.

Ҳамчунин мафҳуми «ба худкушӣ расонидан» нопурра мебошад: номуайяниҳо нисбат ба усулҳои содир намудани ин ҷиноят, инчунин норасоии дастурҳои равшани методӣ ва тавсияҳои илмӣ-амалӣ, ки имкон диҳанд чунин кирдорҳо дуруст бандубаст карда шаванд, барои татбиқи самараноки моддаи 109 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мушкилоти ҷиддӣ эҷод менамоянд.

Бо ҳамин асос, аҳаммияти мавзӯи таҳқиқот бо сатҳи баланди хавфнокии ҷамъиятии ҷинояти ба худкушӣ расонидан, инчунин бо душвориҳои амалияи татбиқи ҳуқуқ ва танзими қонунгузорӣ дар ин самт муайян мегардад.

Худкушӣ падидаи фоҷиабори иҷтимоию ҳуқуқӣ мебошад, ки дар бисёр ҳолатҳо натиҷаи муносибати бераҳмона, таҳдидҳо ва пастзании мунтазами шаъну эътибори ҷабрдида ба шумор меравад.

Бо вуҷуди ҷиноятӣ эътироф гардидани ин кирдор дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамоно камбудиҳо боқӣ мемонанд, аз ҷумла: нопурра будани номгӯйи усулҳои содир намудани ҷиноят; набудани таърифи дақиқи тарафи субъективии ҷиноят; инчунин нокифоя будани фарқгузории ҷавобгарӣ вобаста ба тарзи содир намудани ҷиноят.

Илова бар ин, таҷрибаи байналмилалӣ шаҳодат медиҳад, ки дар баъзе давлатҳо таркибҳои мустақили ҷиноятҳо, ки бо моилсозӣ

ба худкушӣ ва ёри расонидан ба он алоқамандӣ, дар қонунгузории ҷиноятӣ муқаррар шудаанд, дар ҳоле ки дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин меъёрҳо пешбинӣ нашудаанд.

Ҳамаи ин ҳолатҳо ба омӯзиши амиқи илмӣ ниёз доранд. Ҳамзамон зарур аст қонунгузории ҷиноятӣ такмил дода шуда, тавсияҳои дахлдор таҳия гарданд, ки метавонанд ба татбиқи амалии самараноки қонун мусоидат намоянд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ**. Дар заминаи таҳлили адабиёти махсуси монографӣ метавонем баён намуд, ки масъалаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ба худкушӣ расонидан ба коркарди алоҳида ниёз дорад. Хусусияти комплексии таҳқиқот талаботи истифодаи доираи васеи маъхазҳои марбут ба осори маъруфи гузашта ва ҳозираи олимони ватанӣ дар соҳаи назарияи умумии ҳуқуқ, ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминологияро тақозо месозад.

Ҷанбаи ҳуқуқии ҷиноятии ба худкушӣ расонидан дар асарҳои чунин муаллифони давраи пасошуравӣ тавассути рушди қонунгузории ҷиноятӣ инъикоси худро ёфтааст, аз қабили: Ю.А. Дмитриев [21] , А.Н. Калинин [22] , О.С. Капинус [9] , А.Н. Красиков [10] , Н. Лисак [23], Р.Б. Осокин [24] , Э.Х. Тарасова [25] , Ю.А. Уколова [26], Н.А. Шулепов [27], Д.И. Элмурзаев [30] .

Дар баробари ин, қайд кардан ба маврид аст, ки то ҳанӯз таҳқиқотҳои бунёдӣ вобаста ба масъалаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ба худкушӣ расонидан, бандубасти ин ҷиноят, тафовути ин ҷиноят аз ҷиноятҳои дигар ва роҳҳои такмили қонунгузории ҷиноятии ҶТ, масъалаҳои пешгирии ба худкушӣ расонидан ҷой надоранд. Танҳо баъзе аз паҳлуҳои бавоситаи мавзуи таҳқиқшаванда дар умум марбут ба унсурҳои таркиби ҷиноят дар китобҳои дарсӣ оид ба ҳуқуқи ҷиноятӣ ва баъзе асарҳову мақолаҳои муҳаққиқони ватанӣ аз қабили А.А. Абдурашидзода [6], У.А. Азиззода [28], И.Ҳ. Бобоҷонзода [7], Н.А. Ғаффорӣ  [8], М.М. Муллоев [11], Р.Ҳ. Раҳимзода [12], Ҳ.С. Салимов [13], А.И. Сафарзода [19], Ҳ.С. Сафаров [15], К.Ҳ. Солиев [16], Ф.Т. Тоҳиров [29], А.Г. Холиков [17], С.Ҳ. Ҳусейнзода (С.Ҳ. Ҳусейнов) [14], Т.Ш. Шарипов [18] ва Ф.Р. Шарифзода [20] инъикоси худро пайдо намудааст.

Бо вуҷуди ин, маъхазҳо бо соҳаҳои ҳуқуқи конститутсионӣ ва дигар соҳаҳои ҳуқуқи Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи тиб дар мавзӯи мавриди назар мувофиқат намекунанд. Тавсифи ҳуқуқии ҷиноятии аломатҳои объективӣ ва субъективӣ инчунин

равишҳои бандубасткунии ба худкушӣ расонидан баҳсбарангез мебошанд. Бо вуҷуди зиёд будани миқдори корҳои илмӣ, таҳқиқи комплексии масоили ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ба худкушӣ расонидан гузаронида нашудааст.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо лоиҳаҳо ва мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи мавзуи кори илмӣ-таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тибқи нақшаи фаъолияти илмӣ-тадқиқотии Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон: «Такмили қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҷиноятҳои хусусияти террористӣ, экстремистӣ, гардиши ғайриқонунии маводи нашъаовар ва коррупсионидошта» ва «Такмили фаъолияти маъмурӣ-ҳуқуқӣ ва ҷинноятӣ-ҳуқуқии мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти пешгирии зӯроварӣ дар оила 2023-2027» алоқаманд мебошад.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот**. Мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ аз гузаронидани таҳлили илмии ҳамаҷонибаи таркиби ба худкушӣ расонидан, таҳияи пешниҳодҳо оид ба такмили меъёри қонунгузории ҷиноятӣ, ки ҷавобгариро барои ба худкушӣ расонидан пешбинӣ менамояд ва амалияи татбиқи онро фарогир аст, иборат мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Дар робита ба мақсади таҳқиқот, ҳамзамон доираи муайяни вазифаҳо низ муқаррар шудаанд, ки ҳалли назариявӣ ва амалии онҳо мазмуну мухтавои таҳқиқоти диссертатсионии мазкурро ташкил медиҳанд. Аз ҷумла:

– ба таври муфассал омӯзиши моҳият ва сабабҳои иҷтимоии ҷорӣ гардидани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ба худкушӣ расонидан дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– муайян намудани заминаҳои таърихӣ ва ҳуқуқӣ, инчунин муайян кардани марҳилаҳои асосии ташаккули қонунгузорӣ оиди ба худкушӣ расонидан ҳамчун ҷиноят;

– таҳлили санадҳои байналмилалии ҳуқуқӣ ва қонунгузории давлатҳои хориҷӣ, ки масъалаҳои пешгирии ҳолатҳои ба худкушӣ расониданро танзим менамоянд, бо мақсади ошкор намудани механизмҳои самараноки ҳуқуқие, ки метавонанд ба низоми қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ гардонида шаванд;

– додани тавсифи ҳуқуқӣ-ҷиноятии таркиби ҷинояти ба худкушӣ расонидан;

– муайян намудани меъёрҳои фарқгузории ба худкушӣ расонидан аз ҷиноятҳои ба он аз рӯи аломатҳо наздик;

– коркард ва таҳияи пешниҳодҳо оид ба такмили танзими қонунгузории ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ба худкушӣ расонидан.

**Объекти таҳқиқот.** Объекти таҳқиқот он муносибатҳои ҷамъиятие ба шумор меравconfiguration, ки ҳангоми ба худкушӣ расонидани ҷабрдида ё сӯиқасд ба он ба он вайрон карда шудаанд.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқот.** Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ фарогири вазъи қонунгузории ҷиноятӣ, маълумот оид ба таҷрибаи тафтишотӣ ва судӣ дар бораи ҷавобгарӣ барои ба худкушӣ расонидан, санадҳои меъёрии ҳуқуқии давлатҳои хориҷӣ, ақидаҳои назариявӣ ва коркардҳои илмӣ дар ин самт мебошад.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот (доираи таърихии таҳқиқот).** Дар таҳқиқоти диссертатсионии мазкур бо мақсади низомнок, пурра ва ҳамаҷониба таҳқиқ намудани масъалаҳои ба худкушӣ расонидан: масоили ҷавобгарии ҷиноятии ба худкушӣ расонидан, таърихи падидаи мазкур, таҳлили қонунгузории давлатҳои хориҷӣ ва унсурҳои таркибии ҷиноят диққати ҷиддӣ дода шуда, танзими ҳуқуқи ҷиноятии он шуруъ аз соли 2017 то инҷонибро дар бар мегирад. Давраи таҳқиқоти диссертатсионӣ фарогирандаи солҳои 2017-2023 мебошад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқотро** корҳои илмии олимони ватанӣ аз қабили А.А. Абдурашидзода, У.А. Азиззода, И.Ҳ. Бобоҷонзода, Н.А. Ғаффорова, М.М. Муллоев, Р.Ҳ. Раҳимзода, Ҳ.С. Салимов, А.И. Сафарзода, Ҳ.С. Сафаров, К.Ҳ. Солиев, Ф.Т. Тоҳиров, А.Г. Холиков, С.Ҳ. Ҳусейнзода, Т.Ш. Шарипов ва Ф.Р. Шарифзода ташкил медиҳанд.

Масъалаҳои ҷавобгарии ҷиноятии ба худкушӣ расонидан дар корҳои олимони хориҷии соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология, аз қабили Г.Н. Борзенков, А.Н. Варигин, С.В. Векленко, Г.В. Верина, Л.Д. Гаухман, А.Я. Гришко, А.И. Гуров, А.Е. Жалинский, И.Е. Звечаровский, Н.Г. Кадников, Ю.А. Красиков, В.С. Комиссаров, В.Н. Кудрявтсев, Н.Ф. Кузнетсова, Н. Лейкина, Т. Лесниевский-Костарева, Н. Лопашенко, В. Малков, Г.М. Минковский, К.К. Панко, В.Г. Павлов, А.А. Пионтковский, Б.Т. Разгилдиев, А.И. Рарог, Л.В. Сердюк, А.Н. Треинин, Н. Тагантсев, А.Н. Тарбагаев, В.В. Трухачёв, Е.Ф. Побегайло, Н. Шулепов ва дигарон, ташкил додааст. Вобаста ба масъалаҳои таҳқиқот монографияҳо, китобҳои дарсӣ, мақолаҳои илмӣ, фишурдаҳои

конференсияҳои илмӣ-амалии сатҳи ҷумҳуриявию байналмилалӣ мавриди омӯзиш ва натиҷагирӣ қарор гирифтанд.

Асоси меъёрии тадқиқотро соҳаҳои қонунгузории конститутсионӣ, ҷиноятӣ ва дигар соҳаҳои қонунгузории ҶТ ташкил медиҳад. Дар кор инчунин санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҷиноятӣ, ки эътибори худро гум кардаанд, қонунгузории ҷиноятии давлатҳои хориҷӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Вазорати тандурустии ҶТ истифода шудаанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Асоси методологии таҳқиқоти дисертатсиониро усули диалектикии дарки зуҳуроти иҷтимоӣ ташкил медиҳад. Ба сифати усулҳои умумии илмӣ усули таҳлил, синтез, дедуксия, индуксия, усули системӣ ва сохторӣ истифода бурда шудаанд. Дар ҷараёни таҳқиқ усулҳои хусусии илмии зерин истифода бурда шудаанд. Усули муқоисаи таърихӣ, ки таҳлили инкишофи қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистонро дар бораи ҷавобгарӣ барои ба худкушӣ расонидан дар назар дорад; усули муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, ки аз таҳлили муқоисавии ҷавобгарӣ барои ба худкушӣ расонидан тибқи қонунгузории давлатҳои хориҷӣ иборат аст; усули оморӣ, ки аз ҷамъоварӣ ва таҳлили иттилооти оморӣ микдори ҷиноятҳои пешбининамудаи м. 109 КҶ ҶТ-ро дар ҳоли тағйирёбии онҳо иборат аст; усули мушаххаси сотсиологӣ, ки зимни гузаронидани пурсиши хаттии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, адвокатҳо, инчунин пурсиши дигар шахсон истифода бурда мешавад; усули расмии мантиқи, ки аз таҳлили аломатҳои таркибсози ба худкушӣ расонидан бо таваҷҷуҳ ба амалияи судию тафтишотии мавҷуда иборат аст ва ғайраҳо.

**Заминаҳои эмпирикӣ.** Асоси эмпирикии таҳқиқотро маълумотҳои омории Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2023 оид ба ҷиноятҳои ба қайд гирифташуда тибқи м. 109 КҶ ҶТ, омӯзиши маводи тафтишотии мақомоти ҳифзи ҳуқуқи ҶТ оид ба худкушӣ расонидан, инчунин парвандаҳои ҷиноятие, ки дар судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ шудаанд, ташкил медиҳанд.

Навгонии илмии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки бори аввал кирдорҳои пешбининамудаи моддаи 109 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври комплексӣ мавриди омӯзиш қарор мегиранд. Навоварии илмии таҳқиқот бо консепсияи муаллифии таҳлили аксари мушкилот, низоммандсозӣ ва дақиқсозии як қатор мавқеъҳои устувори

назариявӣ, инчунин таҳияи таърифҳо ва пешниҳодҳои нави муаллифӣ муайян мегардад, ки қаблан дар илми ҳуқуқи ватанӣ мавҷуд набуданд.

Навоварии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар хулосаҳои мушаххаси назариявӣ ва тавсияҳои амалӣ ифода меёбад, ки бори аввал пешниҳод шудаанд.

Рисолаи илмӣ аз навгониҳои зерин иборат аст:

– аз мавқеи илмӣ таҳлили таърихии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ба худкушӣ расонидан анҷом дода шудааст, ки ин имкон дод марҳилаҳои рушди қонунгузории ҷиноятӣ ҷудо карда шаванд;

– муҳтавои унсурҳои таркиби ҷинояти ба худкушӣ расонидан, аз ҷумла аломатҳои объективӣ ва субъективие, ки ин кирдорро тавсиф менамоянд, ошкор карда шудааст;

– таҳлили муфассали муқоисавӣ-ҳуқуқии таҷрибаи хориҷӣ дар соҳаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ба худкушӣ расонидани шахс гузаронида шудааст. Равишҳои қонунгузории давлатҳои гуногун нисбат ба бандубасти ин ҷиноят баррасӣ гардида, хусусиятҳо ва фарқиятҳои танзими меъёрӣ муайян шудаанд. Дар асоси таҳлили анҷомдодашуда имконият ва мувофиқати истифодаи баъзе муқаррарот ва меъёрҳои қонунгузории ҷиноятии хориҷӣ дар ҷараёни ислоҳ ва такмили меъёрҳои ҷиноятӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ гардидааст;

– дар кори илмӣ муаллиф субъекти ҷинояти ба худкушӣ расониданро ҳамаҷониба таҳлил намуда, дар қисми хотимавии диссертатсия тавсияҳои мушаххас пешниҳод кардааст.

**Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.** Таҳқиқоти илмии анҷомпазируфта имкон медиҳад, ки чунин нуқтаҳо ба ҳимоя пешкаш карда шаванд:

1. Бори аввал консепсияи ҳифзи бисёрзинагии шахсият дар қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шудааст. Мувофиқи ин консепсия, Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифзи ҳамаҷонибаи инсонро ҳам ҳамчун мавҷуди биологӣ ва ҳам ҳамчун мавҷуди иҷтимоӣ таъмин менамояд: ҳамчун мавҷуди биологӣ: тавассути муқаррар намудани манъҳо нисбат ба таҷовуз ба вазифаҳои ҳаётан муҳими организм, тамомияти ҷисмонӣ, мустақилияти ҷинсӣ ва озодии ҳаракат; ҳамчун мавҷуди иҷтимоӣ: тавассути кафолат додани ҳифзи обрӯ ва эътибор, ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ, озодиҳои иқтисодӣ ва дигар кафолатҳои конститутсионии шахсият.

– Объекти намудии ҷинояте, ки дар моддаи 109 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст, маҷмӯи

муносибатҳои ҷамъиятие мебошанд, ки ҳифзи ҳуқуқи инсонро ба ҳаёт таъмин менамоянд. Ин муносибатҳо ба муҳофизати инсон аз ҳар гуна кирдорҳои ғайриқонунӣ, ки ба ҳаёти ӯ таҳдид эҷод мекунанд, равона гардидаанд.

– Объекти асосии бевоситаи ин ҷиноят (моддаи 109 КҶ ҶТ) он муносибатҳои ҷамъиятӣ ба шумор мераванд, ки имконияти шахсро барои мустақилона ихтиёрдорӣ намудани ҳаёти худ таъмин намуда, ҳамзамон ҳаёти ӯро аз дахолати беруна ҳифз мекунанд. Ба ибораи дигар, кирдори ҷиноятии мавриди баррасӣ ба яке аз неъматҳои бунёдии шахс – ҳуқуқи ҷудонопазири ӯ ба ҳаёт ва ба худмуайянкунии сарнавишти шахсӣ, ки бо тартиботи ҳуқуқӣ кафолат дода шудааст, таҷовуз менамояд.

Ҳамзамон, ҳамчун объекти иловагии ҷиноят шаъну эътибори шахсият баромад мекунад, ки дар ҷараёни содир намудани кирдор ба он таъсири харобиовари равонӣ расонида мешавад. Чунин таъсир метавонад ба оқибатҳои манфии иҷтимоӣ-психологӣ, ахлоқӣ ва ҳатто сиёсӣ-психологӣ оварда расонад, ки тамомияти шахсияти ҷабрдидаро халалдор месозанд.Ҳамин тариқ, таъсири ғайриқонуние, ки зери диспозитсияи моддаи 109 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мегирад, на танҳо ба ҳаёт ва мутсақилияти шахсии инсон зарар мерасонад, балки ба арзишҳои ғайримоддии ӯ – шаъну эътибор низ осеб мерасонад. Ин ҳолат зарурати ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятии ҳар дуи ин ҷанбаҳоро асоснок менамояд.

– Пешниҳод гардидааст таърифи муаллифии худкушӣ ҳамчун навъи махсуси рафтори ғайриахлоқии шахсият, ки моҳияти он дар қатъи ихтиёрӣ ва огоҳонаи ҳаёти худ ифода меёбад. Ин кирдор аз ҷониби инсон зери таъсири омилҳои манфии равонӣ ё ҳолатҳои беруна содир мегардад, ки дар натиҷаи таъсири муҳити атроф ба вуҷуд омада, дар вайроншавии тавозуни эҳсосии дохилӣ, ҳолати равонӣ ва самтгириҳои ахлоқии шахс зоҳир мешаванд.

2. Зери мафҳуми «ба худкушӣ расонидан» бояд кирдорҳои ғайриқонунии шахс фаҳмида шаванд, ки дар шакли таҳдидҳои мунтазам, истифодаи фишори равонӣ ё зӯроварӣ, пастзании такрории шаъну эътибори инсон, инчунин фароҳам овардани шароити аз ҷиҳати равонӣ вазнин ифода меёбанд. Ин гуна кирдорҳо ҷабрдидаро водор месозанд, ки қарорҳои огоҳона дар бораи маҳрум сохтани худ аз ҳаёт қабул намояд ё ба содир намудани кӯшиши чунин амал даст занад.

3. Қонунгузории як қатор давлатҳо шаклҳо ва усулҳои гуногуни иштироки шахсро дар содир намудани худкушӣ муқаррар менамояд. Аз ҷумла, дар баъзе давлатҳо кирдорҳои вобаста ба моилсозӣ ба худкушӣ ҳамчун таркиби мустақили ҷиноят пешбинӣ шудааст, ки ин амали асоснок ба шумор меравад. Бо назардошти ин, пешниҳод мегардад, ки ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон моддаи мустақил дар бораи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои моилсозӣ ба худкушӣ ё мусоидат дар содир намудани он ворид карда шавад. Ин модда метавонад дар таҳрири зерин ифода гардад:

«Моддаи 109[1]. Моилсозӣ ба худкушӣ ё мусоидат дар содир намудани он

Моилсозӣ ба худкушӣ – таъсири қасдонаи равонӣ ба шуури шахси дигар тавассути эътиқод, талқин ё дигар усулҳои психологӣ, дар ҳолате ки аломатҳои ба худкушӣ расонидан, ки дар моддаи 109 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд, мавҷуд нестанд.

Мусоидат дар худкушӣ – додани тавсияҳо, маслиҳатҳо, иттилоот, инчунин пешниҳод намудани воситаҳо ё ашёе, ки барои содир намудани худкушӣ истифода мешаванд, ё анҷом додани дигар амалҳое, ки шахсро ба маҳрум сохтани ихтиёрии худ аз ҳаёт таҳрик медиҳанд».

– Бо назардошти таҷрибаи қонунгузории давлатҳои пасошуравӣ, мувофиқ мебуд, ки номгӯйи ҳолатҳои вазнинкунандаи ҷавобгарӣ барои ба худкушӣ расонидан васеъ карда шавад ва ба он ҳолатҳои зерин шомил гарданд:

– дар ҳолати ошкоро оҷиз будани ҷабрдида;

– содир намудани ин ҷиноят нисбат ба ду ё зиёда ҷабрдида;

– содир намудани ҷиноят аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ ё гурӯҳи муташаккили ҷиноятӣ;

– содир намудани ҷиноят бо истифода аз шабакаҳои телекоммуникатсионӣ, аз ҷумла шабакаи Интернет.

– Бо мақсади тақвияти таъсирнокии танзими ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва баланд бардоштани самаранокии мубориза бо ҷиноятҳои марбут ба ба худкушӣ расонидан, муаллиф пешниҳод менамояд, ки диспозитсияи моддаи 109 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳи васеъ намудани номгӯйи кирдорҳои манъшуда такмил дода шавад. Аз ҷумла, пешниҳод мегардад, ки ҳамчун шаклҳои мустақили содир намудани ин ҷиноят чунин кирдорҳо пешбинӣ гарданд, ба мисли: фишори равонӣ бо истифода аз таҳдидҳо, тӯҳмат (бӯҳтон), таҳқири мунтазам, паҳн намудани маълумоти таҳқиромез нисбат ба шахсияти ҷабрдида,

тарсондан ва дигар шаклҳои таъсири равонӣ. Ин иқдом имкон медиҳад, ки ҳифзи самараноки ҷабрдидагон аз чунин кирдорҳои ғайриқонунӣ таъмин карда шавад.

– Пешниҳод мегардад, ки моддаи 109 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо муқаррароти нав пурра карда шавад, ки ҷавобгариро барои ба худкушӣ расонидан тибқи қисми 1 ҳамин модда, агар он аз рӯи ангезаҳои ғаразнок содир шуда бошад, пешбинӣ намояд. Чунин кирдорҳо ҳамеша бо қасди бевосита содир мегарданд, зеро гунаҳгор дарк менамояд, ки танҳо баъди вафоти ҷабрдида метавонад ба молу мулк, маблағҳои пулӣ, дигар неъматҳои моддӣ соҳиб шавад ё аз вобастагии моддӣ нисбат ба ҷабрдида халос гардад. Ҷорӣ намудани чунин меъёр ба муборизаи самараноктар бо ҷиноятҳои дорои ангезаҳои ғаразнок мусоидат хоҳад намуд.

4. Барои ноил шудан ба ягонагӣ ва дақиқии бандубасти кирдорҳо тибқи моддаи 109 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мувофиқи мақсад аст, ки қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва қабул гардад. Дар он бояд тавсияҳо ва шарҳҳои равшан оид ба аломатҳои ин ҷиноят дода шаванд, аз ҷумла нисбат ба шакли гуноҳ, муҳтавои усулҳои содир намудани ҷиноят, аломатҳои ба худкушӣ расонидан, ки онро аз таркибҳои муҷовир фарқ мекунанд.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Аҳаммияти назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он ифода меёбад, ки хулосаҳо, тавсияҳо ва муқаррароти илмии пешниҳоднамудаи муаллиф заминаи назариявии донишҳоро оид ба ҷанбаҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятии ҷавобгарӣ барои ба худкушӣ расонидан ба таври назаррас амиқ ва рушд медиҳанд, имкон медиҳанд равишҳо нисбат ба бандубаст, фарқгузорӣ ва дарки моҳияти ин ҷиноят аз нав баррасӣ гарданд. Натиҷаҳои бадастомада метавонанд аз ҷониби дигар муҳаққиқон дар таҳқиқоти минбаъдаи илмӣ, ки ба масъалаҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ барои кирдорҳои ҳаммонанд бахшида шудаанд, инчунин ҳангоми ҳалли вазифаҳои мубрами назариявӣ ва амалӣ дар соҳаи танзими ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ истифода шаванд.

Муқаррароти асосӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои таҳиянамудаи муаллиф дар диссертатсия метавонанд дар самтҳои зерин татбиқи **амалии** худро пайдо намоянд:

– дар фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ – ҳангоми омӯзиши минбаъдаи мушкилоти ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ба худкушӣ расонидан, инчунин ҳангоми таҳияи масъалаҳои назариявие, ки ба

дигар ҷиноятҳои муҷовир, вобаста ба ҳаёт, саломатӣ ва дахлнопазирии шахсияти инсон марбутанд;

– дар фаъолияти қонунэҷодӣ: ҳангоми таҳия ва такмили меъёрҳои Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, пеш аз ҳама моддаи 109, инчунин дигар муқаррарот, ки ҷавобгарии ҷиноятиро барои ҷиноятҳо муқобили ҳаёт ва саломатӣ танзим менамоянд;

– дар соҳаи ҳуқуқтатбиққунӣ, ҳамчун асоси методӣ ҷиҳати баланд бардоштани самаранокӣ ва ягонагии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва судҳо ҳангоми баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ оид ба ба худкушӣ расонидан ва бандубасти дурусти ин кирдорҳо;

– дар соҳаи таълимӣ-методӣ ва маориф: ҳангоми омода намудани маводи таълимӣ, дастурҳо ва тавсияҳои методӣ, баргузории машғулиятҳои таълимӣ ва тренингҳо барои кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, инчунин дар раванди таълими фанҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва муассисаҳои такмили ихтисос.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Эътимоднокии таҳқиқоти диссертатсия тавассути истифодаи усулҳои умумиилмӣ ва махсуси илмӣ, таҳлили қонунгузории ватанӣ ва хориҷӣ, омӯзиши адабиёти умумӣ ва махсус оид ба мавзуи таҳқиқот ва рисолаҳои як қатор олимон, ки нуктаҳои назари илмии муосирро дар бораи ба худкушӣ расонидан инъикос менамоянд, ба даст оварда шудааст.

Натиҷаҳои илмӣ, пешниҳоду хулосаҳо ва тавсияҳои дар таҳқиқоти диссертатсионӣ пешбинигардида, дар асоси манбаи қонунгузорӣ ва амалияи судӣ анҷом дода шудааст.

Эътимоднокии таҳқиқоти диссертатсия аз истифодаи заминаҳои васеи таҷрибавӣ, ки дар шакли маълумотҳои гуногуни оморӣ, ҷамъбасти маводи таҷрибаи судӣ ва таҳлили зиёда аз яксаду шаст парвандаҳои ҷиноятӣ оварда шудаанд, бармеояд. Ҳамчунин, натиҷаҳои таҳқиқоти рисолаи илмӣ ба он хотир эътимодноканд, ки онҳо дар асоси таҳлили Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғайра ба даст омадаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ**. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 сентябри соли 2025, таҳти №10 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот**. Дар рафти тадқиқот муаллифи рисола санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, сарчашмаҳои таърихӣ, қонунгузории ҷиноятии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ба худкушӣ расонидан ба қадри кофӣ омӯхтааст. Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот бо он муайян карда мешавад, ки натиҷаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ, аз ҷумла хулосаҳои назариявӣ, таклифу пешниҳодҳо ва нуқтаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод карда мешаванд, метавонанд дар ҷодаи рушду такмили қонунгузории ҷиноятӣ оид ба худкушӣ расонидан, инчунин амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ саҳми назаррас дошта бошанд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон омода гардида, дар ҷаласаҳои кафедра мавриди муҳокима қарор гирифтааст. Муқарраротi асосӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар мақолаҳои дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар маҷаллаву маҷмуаҳо ба нашр расидаанд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конференсияҳои зерин ба тариқи маъруза аз ҷониби муаллифи рисола пешниҳод гардидаанд:

**а) байналмилалӣ:**

– Конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ дар мавзуи «Илми ҳуқуқшиносӣ ва амалияи он» – маърӯза дар мавзуи «Ҷавобгарӣ барои ба худкушӣ расонидан тибқи қонунгузории ҷиноятии давлатҳои хориҷӣ» (29-уми апрели соли 2022);

– Конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ дар мавзуи «Илми ҳуқуқшиносӣ ва амалияи он» – маърӯза дар мавзуи «Тамоюлҳои асосии илмӣ перомуни мафҳум ва моҳияти объекти ҷинояти ба худкушӣ расонидан» (18-уми апрели соли 2025).

**б) ҷумҳуриявӣ:**

– Конфренсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ дар мавзуи «Қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муосир ва рушд» – маърӯза дар мавзуи «Ҷудо намудани таркиби ҷинояти ба худкушӣ расонидан аз дигар таркибҳои монанд» (21-уми майи соли 2025).

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия** Оид ба муҳтавои диссертатсия 10 мақолаи илмӣ нашр гардидааст, ки 7 адади онҳо дар

маҷаллаҳои илмии дар феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид буда, 3 мақола дар нашрияҳои ватанӣ бо забонӣ тоҷикӣ интишор гардидааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз номгӯйи ихтисорот ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, се боб ва ҳашт зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) иборат мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсия 190 саҳифаро дар бар мегирад.

## ҚИСМҲОИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ (ФИШУРДА)

Дар муқаддимаи диссертатсия аҳаммияти илмии мавзӯи интихобшуда нишон дода шудааст. Робитаи он бо барномаҳои илмии амалкунанда ва нақшаҳои таҳқиқотӣ дар ин самт шарҳ дода мешавад. Ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот муайян гардида, аҳаммияти он барои назария ва амалия зикр шудааст. Зарурати таҳлили масъалаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ба худкушӣ расонидан бо дарназардошти шароити муосир асоснок карда шудааст. Инчунин аҳаммияти натиҷаҳои бадастомада таъкид гардида, самтҳои истифодаи онҳо муайян карда шудаанд.

**Боби аввали диссертатсия** «**Таҷрибаи таърихии муқовимат бар зидди ҷиноятҳои ба худкушӣ расонидан**» аз се параграф иборат буда дар он масъалаҳои сабабҳои иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ ва хавфнокии ҷамъиятии ба худкушӣ расонидан, инкишофи қонунгузории Тоҷикистон оид ба ҷавобгарӣ барои ба худкушӣ расонидан, танзими қонунгузории давлатҳои хориҷӣ дар масъалаи криминализатсия намудани чунин кирдорҳо мавриди таҳлил қарор гирифтаанд.

Дар зербанди аввали боби якум «**Мафҳум, сабабҳои иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ ва ба ҷамъият хавфнокии ба худкушӣ расонидан**» муаллиф моҳияти кирдори мазкурро ошкор намуда, равишҳои гуногунро нисбат ба муайян намудани он баррасӣ мекунад. Муайян гардидааст, ки дар аксари мавридҳо корҳои илмӣ асосан ба ҷанбаҳои криминологӣ бахшида шудаанд, дар ҳоле ки тавсифи ҳуқуқӣ-ҷиноятии ба худкушӣ расонидан дар адабиёти ҳуқуқӣ ба таври кофӣ ва амиқ таҳқиқ нагардидааст.

Дар асоси таҳлили анҷомдодашуда муаллиф ба хулоса меояд, ки дар таърифҳои илмии мавҷудаи ба худкушӣ расонидан аксаран шакли гуноҳ ба таври мушаххас муайян карда намешавад, ҳамчунин ҳаракат ва беҳаракатӣ ҳамчун шаклҳои эҳтимолии содир намудани ин ҷиноят аз ҳам фарқ карда намешаванд. Бо дарназардошти

муқарраротИ моддаи 109 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муаллиф таърифи зерини ба худкушӣ расониданро пешниҳод менамояд: «ҳамчун навъи махсуси рафтори ғайриахлоқии шахсият, ки моҳияти он дар қатъи ихтиёрӣ ва огоҳонаи ҳаёти худ ифода меёбад ва аз ҷониби инсон зери таъсири омилҳои манфии равонӣ ё ҳолатҳои беруна, ки дар натиҷаи таъсири муҳити атроф ба вуҷуд омада, дар вайроншавии тавозуни эҳсосии дохилӣ, ҳолати равонӣ ва самтгириҳои ахлоқии шахс зоҳир мешаванд, содир мегардад».

Таҳлили заминаҳои иҷтимоӣ-ҳуқуқии муқаррар намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ба худкушӣ расонидан (моддаи 109 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон) нишон медиҳад, ки криминализатсияи ҳар гуна кирдор бояд дар асоси риояи қатъии як қатор меъёрҳо сурат гирад, аз ҷумла дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии он, сатҳи паҳншавиаш дар байни аҳолӣ, инчунин арзёбии ҳамаҷонибаи оқибатҳои мусбат ва манфии ҷорӣ намудани манъкуниҳои дахлдори ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ. Дар асоси таҳлили анҷомдодашуда муаллиф ба хулоса меояд, ки криминализатсияи ба худкушӣ расонидан ба меъёрҳои криминализатсия мутобиқ буда, ҳамчун меъёри асосноки ҳифзи ҳаёти инсон: арзиши олӣ баромад мекунад.

Бар хилофи худи амали худкушӣ, ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ба худкушӣ расонидан бо сатҳи баланди хавфнокии ҷамъиятии чунин кирдорҳо вобаста мебошад. Ин ҷиноят дар вайронкунии дағалонаи меъёрҳои ахлоқӣ ва қоидаҳои умумқабулшудаи муносибатҳои байни инсонҳо ифода меёбад. Ҳаракатҳои шахси гунаҳгор бо бераҳмӣ ва истифодаи мунтазами зӯроварии равонӣ ва таҳқири шахсияти ҷабрдида фарқ мекунанд, ки дар натиҷа шаъну эътибор ва дигар ҳуқуқҳои бунёдии ҷабрдида ҷиддан поймол мегарданд. Дар паи чунин кирдорҳо ҷабрдида аз озодии интихоби мустақилона маҳрум шуда, ба таври ихтиёрӣ қарор дар бораи қатъи ҳаёти худ қабул менамояд.

Ҳамин тариқ, муаллиф ба хулоса меояд, ки хавфнокии ҷамъиятии ба худкушӣ расонидан, пеш аз ҳама, дар вазнинии зарари маънавӣ ва равонии ба шахс расонидашуда, халалдорсозии шаъну эътибори ӯ ва вайрон гардидани асосҳои муҳими ҷамъиятӣ ифода меёбад.

Принсипи паҳншавии кирдорҳои барои ҷамъият хавфнок зарурати таҳлили ҳамаҷонибаи ҷинояти ба худкушӣ расониданро ҳангоми криминализатсия талаб мекунад.

Принсипи таносуби оқибатҳои манфӣ ва мусбии криминализатсия зарурати онро таъкид мекунад, ки м. 109 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсири мусбӣ ба коҳиши кирдорҳои барои ҷамъият хавфнок дошта бошад.

Бо дарназардошти ҷиддият, хусусият ва сатҳи паҳншавии чунин кирдорҳои ғайриқонунӣ, қонунгузори Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ба худкушӣ расонидан дар моддаи 109 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгарии ҷиноятӣ муқаррар намудааст. Қабули чунин қарор бо дараҷаи баланди хавфнокии ҷамъиятии ин гуна ҷиноятҳо асоснок карда мешавад.

Ин кирдорҳо метавонанд дар шакли таҳдидҳои мунтазам, истифодаи бераҳмӣ ё таъсири пайвастаи равонӣ, ки шаъну эътибори ҷабрдидаро паст мезанад, зоҳир гарданд. Дар натиҷа ҷабрдида ба вазъияте дучор мешавад, ки имкони мустақилона муқовимат намудан ба таъсири манфиро аз даст дода, қарор дар бораи маҳрум сохтани худ аз ҳаёт қабул менамояд.

Дар зербоби дуюми боби аввал **«Инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ба худкушӣ расонидан»** муайян карда шудааст, ки барои омӯзиши ҳамаҷонибаи ҷиноятҳои марбут ба ба худкушӣ расонидан, пеш аз ҳама зарур аст ба мафҳуми «худкушӣ» тавсиф дода шавад. Ҳамчунин омӯзиши таърихи рушди қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ба худкушӣ расонидан аҳаммияти муҳим дорад, зеро он имкон медиҳад марҳилаҳои асосии ташаккул ва инкишофи ин падида, аз ҷумла дар самти ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятии он, муайян карда шаванд.

Муаллиф рушди таърихии меъёрҳое, ки ҷавобгариро барои ба худкушӣ расонидан муқаррар менамоянд, баррасӣ намуда, чунин давраҳоро ҷудо мекунад: давраи пеш аз инқилобӣ, давраи шуравӣ ва давраи муосир.

Қайд мегардад, ки дар давраҳои гуногуни таърихӣ ба худкушӣ расонидан на ҳамеша аз ҷониби ҷомеа ва давлат ҳамчун ҷиноят қабул мешуд, он ҳамчун таркиби мустақили ҷиноятӣ ҷудо намегардид ва бо меъёрҳои махсуси ҳуқуқӣ танзим намешуд.

Ҳамчун ҷиноят ин кирдор нахустин бор дар қонунгузории Россия мустаҳкам гардидааст. Ин омил ба қонунгузории ҷиноятии давраи шуравӣ таъсири назаррас расонида, аз ҷумла ба ташаккули чунин меъёрҳо дар қонуни ҷиноятии Тоҷикистон мусоидат намудааст.

Аз сарчашмаҳои таърихӣ маълум мегардад, ки дини куҳани тоҷикон «Зардушт» худкуширо маҳкум мекард.. Баъдтар, дар асри VII, ислом дар минтақаҳои Осиёи Марказӣ паҳн гардида, пас аз он меъёрҳои шариат тамоми соҳаҳои ҳаёти аҳолии Тоҷикистонро танзим менамуданд. Тибқи меъёрҳои исломӣ, худкушӣ гуноҳи кабира ба ҳисоб рафта, ба таври қатъӣ манъ шудааст.

Муаллиф дар натиҷаи омӯзиши сарчашмаҳои таърихӣ ба хулоса меояд, ки дар ин давраҳои таърихӣ ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ба худкушӣ расонидан пешбинӣ нашуда буд.

Қайд мегардад, ки то қабули Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон дар ҳудуди Тоҷикистони таърихӣ меъёрҳои Кодекси ҷиноятии ҶШФСР соли 1922 амал мекарданд, ки бо баъзе иловаҳо ва тағйиротҳои махсус барои ҶШС Туркистон таҳияшуда татбиқ мегардиданд. Ҳамин тариқ, то тасдиқи Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон соли 1929 (бо таҳрирҳои минбаъда, аз ҷумла Кодекси ҷиноятии соли 1926), танзими ҷавобгарии ҷиноятӣ тавассути як санади ягонаи қонунгузорӣ – Кодекси ҷиноятии ҶШФСР соли 1922 амалӣ мешуд, ки он дар тамоми қаламрави Ҷумҳурии Мухтори Туркистон бо ворид намудани иловаҳо ва тағйироти ҷудогона амал менамуд.

Бори аввал ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ба худкушӣ расонидан дар Кодекси ҷиноятии ҶШФСР соли 1922 муқаррар карда шуд. Таркиби мустақили ин ҷиноят дар моддаи 148 пешбинӣ гардида, ба боби 5 «Ҷиноятҳо муқобили ҳаёт, саломатӣ, озодӣ ва шаъну эътибори инсон» дохил мешуд. Ин модда доираи ҷабрдидагонро бо ноболиғ будан ё дар ҳолати рӯҳие қарор доштан, ки қобилияти дарк намудани маънои кирдорҳои худро ё идора кардани онҳоро истисно мекард, маҳдуд менамуд.

Баъдтар, аз 1 июли соли 1926 Кодекси ҷиноятии ҶШС Узбекистон қабул гардид. Ин санади қонунгузорӣ, инчунин дар қаламрави Тоҷикистон низ қувваи ҳуқуқӣ дошт.

Минбаъд пас аз қабул шудани КҶ ҶШС Узбекистон аз 16 июни соли 1926 он дар ҳудуди Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Худмухтори Тоҷикистон (ҶШСХТ) амал менамуд. Дар Кодекси мазкур таркиби ҷинояти бахудкушӣ расонидан бо таҳияи ду қисм ба таври назаррас мураккаб гардонида шуд.

Дар қ. 1 м. 192 КҶ ҶШС Узбекистон ҷавобгарии ҷиноятӣ барои мусоидат ё талқини шахси ноболиғ, ки бараъло хусусият ё

аҳамияти кирдори худро дарк ё ба он роҳбарӣ карда наметавонист, муқаррар мешуд.

Таркиби асосии ба худкушӣ расонидан дар қ. 2 м. 192 КҶ ҶШС Узбекистон ҳамчун расонидани шахси аз шахси дигар дар вобастагии моддӣ ё вобастагии дигар қарордошта, бо муносибати бераҳмона бо ӯ ё бо роҳи дигар суийстифода намудан аз мақоми худ ба худкушӣ ё суйқасди худкушӣ расонидан, муайян шуда буд.

Қонунгузор ибораи «бо роҳи дигар суийстифода намудан аз мақоми худ» бо ҷабрдидаро истифода намуда буд. Аз ин рӯ, бо хости қонунгузор ин меъёри ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ мавриди тафсири васеъ қарор гирифт, ки он доираи салоҳияти субъективии мақомоти ҳуқуқтатбиққунандаро хеле васеъ намуд.

Дар КҶ ҶШС Тоҷикистон соли 1935 ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ба худкушӣ расонидан дар м. 173 КҶ муқаррар мешуд. Моддаи мазкур аз ду қисм иборат буда, дар қ.1 м.173 таркиби асосии ҷиноят чунин муайян мегашт:»Агар ягон шахсе шахси дигарро ки ба вай аз ҷиҳати моддӣ ва ё дигар хел вобаста бошад, бо муомилаи дағалона ё роҳи дигари ба ин монанд ба худкушӣ ё қасди худкушӣ бирасонад».

Дар қ.2 моддаи мазкур ҷавобгарӣ барои ёрӣ расонидан ё ин ки ба худкушӣ талқин кардани кудани ба воя нарасида, ё шахсоне ки ба фаҳмидани хосият ва аҳамияти кирдораш лаёқат надошта бошад, ё оҷиз аз ихтиёр дории кирдораш бошад, агар дар натиҷаи онҳо худкушӣ ё қасди худкушӣ рух диҳад.

Фарқияти м.173 КҶ ҶШС Тоҷикистон аз м.192 КҶ ҶШС Узбекистон дар он буд, ки дар м.192 КҶ ҶШС Узбекистон аввал таркиби ҷиноятӣ мусоидат ё талқин намудани ноболиғ барои худкуширо ва баъд дар қ.2 м.192 таркиби асосии ба худкушӣ расониданро муқаррар менамуд.

Илова бар ин, бар хилофи Кодекси ҷиноятии ҶШС Узбекистон, қисми 2 моддаи 173 Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон фаро расидани оқибатҳоро дар шакли худкушӣ ё кӯшиши он ҳамчун аломати ҳатмии таркиби ҷиноят пешбинӣ менамуд.

Моилсозӣ ё мусоидат ба худкушӣ ба таври алоҳида ҷиноят шуморида намешуд. Аммо дар ҳолатҳое, ки шахсе, ки худкушӣ содир намудааст, маънои ҳаракатҳои худро дарк намекард ё қобилияти идора намудани онҳоро надошт, кирдорҳои шахси

гунаҳгор ҳамчун одамкушии қасдона ё суйиқасд ба одамкушӣ бандубаст карда мешуданд.

Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон соли 1961 дар моддаи 110 воқеан ҷавобгариро барои ду таркиби ҷиноят пешбинӣ менамуд:

1) ба худкушӣ расонидан ё суйиқасди худкушии шахсе, ки дар вобастагии моддӣ ё дигар вобастагӣ аз шахси дигар қарор дорад, бо роҳи муносибати бераҳмона ё пастзании мунтазами шаъну эътибори инсон; 2) ҳамин гуна кирдорҳо нисбат ба зан, агар онҳо дар заминаи боқимондаҳои тарзи ҳаёти феодалӣ содир шуда бошанд, ҳамчунин нисбат ба ноболиғ. Дигар усулҳои содир намудани ин ҷиноят дар кодекс пешбинӣ нашуда буданд.

Фарқияти принсипиалии Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон соли 1961 аз қонунгузории қаблии соли 1935 дар он ифода меёбад, ки аз рӯйхати кирдорҳои ҷиноятӣ ҳолатҳои моилсозӣ ё мусоидат ба содир намудани худкушии ноболиғ ё шахсе, ки қобилияти дарк намудани хусусият ва оқибатҳои ҳаракатҳои худро надошт ё рафтори худро идора карда наметавонист, хориҷ карда шуданд. Ҳамин тариқ, агар қаблан чунин кирдорҳо криминализатсия шуда, ҳамчун ҷиноятҳои мустақил бандубаст мегардиданд, пас дар таҳрири Кодекси ҷиноятии соли 1961 чунин кирдорҳо аз қатори кирдорҳои ҷиноятӣ хориҷ карда шуданд.

**Дар зербоби сеюми боби якум, «Ҷавобгарӣ барои ба худкушӣ расонидан тибқи қонунгузории давлатҳои хориҷӣ»** қайд мегардад, ки омӯзиши таҷрибаи байналмилалӣ дар самти криминализатсия, яке аз бахшҳои муҳими ҳуқуқи ҷиноятӣ ба ҳисоб меравад. Таҳлил ва муқоисаи қонунгузории кишварҳои гуногун дар ин самт барои такмили фаъолияти қонунгузорӣ дар давлатҳои муосир нақши муҳим мебозад. Дар доираи зербоби мазкур барои омӯзиши муқоисавии ҳуқуқӣ, қонунгузории ҷиноятии як қатор кишварҳои Аврупо, Осиёи Марказӣ, Амрикои Шимолӣ, Лотинӣ ва давлатҳои пасошуравӣ дар масъалаи ҷавобгарӣ барои ба худкушӣ расонидан таҳлил карда мешавад.

Дар низоми қонунҳои романо-олмонӣ, таърифи ҷиноятҳо алайҳи ҳаёт асосан дар кодексҳои ҷиноятӣ дода мешавад, вале ба ғайр аз ин, як қатор сарчашмаҳои дигаре низ мавҷуд аст, ки якҷоя бо Кодекси ҷиноятӣ амал мекунанд.

Дар қонунгузории ҷиноятии аксари кишварҳои хориҷӣ, сӯиқасд ба худкушӣ ҷазои ҷиноятӣ ҳисобида намешавад, ба

истиснои ҳолатҳое, ки шахсони дигар дар содир кардани амали худкушӣ шарик ё дар тайёрӣ ба он ширкат мекунанд.

Қонунгузории давлатҳои хориҷӣ шаклҳои гуногуни ба худкушӣ расониданро ҷиноят ҳисоб мекунад. Чунин таркиби ҷиноятҳо, аз қабили таҳрик кардан ба худкушӣ дар Кодекси ҷиноятии (Австрия, Ҳиндустон, Италия), кумак расонидан ба худкушӣ дар Кодекси ҷиноятии (Дания, ИМА – иёлоти Ню-Йорк, Филиппин, Чили), моил кардан ба худкушӣ дар Кодекси ҷиноятии (Арманистон, Беларуссия, Қирғизистон, Туркманистон) муқаррар шудааст.

Ҷавобгарӣ барои таҳрик кардан ва кумак расонидан ба худкушӣ дар қонунгузории ҷиноятии Австрия (§ 78), Аргентина (м. 83), Англия (қонун оид ба худкушӣ соли 1961), Нидерланд (м. 294), Ҳиндустон (м. м. 305, 306), Испания (м. 143), Италия (м. 580), ва ғайра пешбинӣ шудааст. Дар КҶ Ҷумҳуриҳои Булғористон (м. 127), Литва (м. м. 133, 134), Македонияи Шимолӣ (м. 128) ҷавобгарӣ барои таҳрик кардан ва кумак расонидан ба худкушӣ дар баробари ҷавобгарӣ барои ба худкушӣ расонидан муқаррар гардидааст.

Муаллиф баён менамояд, ки дар шумораи зиёди давлатҳои хориҷӣ, таҳрик кардан ва кумак расонидан ба худкушӣ, инчунин ба худкушӣ расонидани ноболиғон (хурдсолон) ва шахсони номукаллаф ҳамчун одамкушӣ бандубаст карда мешаванд. Гузашта аз ин, дар баъзе давлатҳо чунин бандубаст бевосита дар қонунҳои ҷиноятӣ пешбинӣ шудааст (Босния ва Ҳерсеговина, Македонияи Шимолӣ, Ҷумҳурии Сербия, Судон).

Дар қонунгузориҳои ҷиноятии давлатҳои пасошуравӣ доираи кирдориҳои бо ба худкушӣ расонидан алоқаманд ба таври гуногун муайян шудааст. Дар КҶ ФР ба таври алоҳида се таркиби ҷиноят муқаррар карда шудаанд, ки бевосита бо ба худкушӣ расонидан алоқаманд мебошанд, яъне ба ғайр аз ба худкушӣ ё суйиқасди худкушӣ расонидани шахси дигар, инчунин моил кардан ба содир намудани худкушӣ ё мусоидат кардан барои содир намудани худкушӣ (м.110.1.) ва ташкили фаъолияти барои ба вуҷуд овардани ангеза барои содир намудани худкушӣ равонашуда (м.110.2. КҶ ФР) ба сифати таркиби мустақил ҷудо карда шудаанд.

Бо таҳлили қонунгузории Ҷумҳурии Қирғизистон, муаллиф ба хулоса меояд, ки қонуни ҷиноятии Қирғизистон ба худкушӣ расониданро вобаста ба ду шакли гуноҳ ҷудо мекунад: ҳам ҳамчун кирдори қасдона ва ҳам ҳамчун кирдоре, ки аз рӯи беэҳтиётӣ содир

шудааст. Ҳамзамон, бар иловаи аломатҳои вазнинкунандае, ки аллакай дар қисми 2 моддаи 109 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардидаанд, қонунгузори Қирғизистон аломати иловагии вазнинкунандаро пешбинӣ намудааст: содир намудани ин ҷиноят бо истифода аз шабакаҳои телекоммуникатсионӣ, аз ҷумла шабакаи Интернет.

Бар хилофи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон, Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Узбекистон ҷавобгарии ҷиноятиро барои моилсозӣ ба худкушӣ ба таври алоҳида муқаррар намуда, дар айни замон усулҳои мушаххаси чунин моилсозиро низ ошкор мекунад, аз ҷумла: бо роҳи багапдарорӣ, фиреб ва дигар шаклҳои таъсири равонӣ ба ҷабрдида. Чунин ҳалли қонунгузорӣ ба таври ҷиддӣ аз равиши қонунгузори Ҷумҳурии Беларус фарқ мекунад, ки дар он усулҳои мушаххаси моилсозӣ ба содир намудани худкушӣ дар диспозитсияи моддаи дахлдор ба таври мустақим нишон дода нашудаанд.

Қонунгузории ҷиноятии Туркманистон ҷавобгарӣ барои моил кардан ба худкушӣ ва ба худкушӣ расониданро дар қисмҳои гуногуни як модда (м.106 КҶ) пешбинӣ намудааст. Таркиби ҷинояти моил кардан ба худкушӣ бо меъёрҳои дахлдори давлатҳои дигари таҳлил шуда монанд мебошад.

Хусусияти таркиби ҷинояти ба худкушӣ расонидан дар он ифода мегардад, ки дар он ба сифати роҳҳои анъанавии содир намудани ҷинояти мазкур туҳмат нишон дода шудааст, мумкин аст аз назари такмил додани қонунгузории ҷиноятии ҶТ истифода шавад.

Ҳамин тавр, дар фарқият аз КҶ ҶТ, КҶ аксарияти давлатҳои пасошуравӣ кирдорҳои марбут ба моил кардан ба худкушӣ (Россия, Қирғизистон, Белорус, Узбекистон, Туркманистон), сафедкунии оммавии худкушӣ (КҶ Молдова) ҷиноят эътироф намудаанд.

Тарафи субъективии таркиби ҷиноят, ки бо ба худкушӣ расонидан алоқаманд аст, танҳо дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Қирғизистон ба таври муфассал дар қонунгузорӣ мустаҳкам гардидааст. Дигар кодексҳои ҷиноятии давлатҳои пасошуравӣ, аз ҷумла Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мушаххассозии кофии аломатҳои тарафи субъективии ин ҷиноятро дар бар намегиранд. Ин ҳолат, дар навбати худ, ҳангоми бандубаст намудани кирдор мушкилоти муайян ба миён оварда, муайян намудани шакли гуноҳро душвор мегардонад ва фаъолияти

мақомоти ҳифзи ҳуқуқро дар самти татбиқи дурусти қонун дар амалия ба таври ҷиддӣ мураккаб месозад.

Дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Қирғизистон тарафи субъективии ҷинояти ба худкушӣ расонидан ба таври мустақим нишон дода шуда, қонунгузор байни ба худкушӣ расонидани қасдона ва ба худкушӣ расонидан аз рӯи беэҳтиётӣ фарқ мегузорад ва барои кирдори қасдона ҷавобгарии сахттар муқаррар менамояд.

Муносибтар шуморида мешавад, ки Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳи ҷорӣ намудани меъёрҳои алоҳида, ки ҷавобгариро барои моилсозии шахс ба содир намудани худкушӣ, инчунин барои мусоидат дар анҷом додани он пешбинӣ менамоянд, такмил дода шавад. Чунин иқдом қадами асоснок дар самти такмили Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин самт ба ҳисоб меравад. Ин пешниҳод ба камбудиҳои ошкоргардида дар таҳрири амалкунандаи моддаи 109 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, ҳадафи он тақвияти ҳифзи шаҳрвандон аз шаклҳои нави таъсири ғайриқонунӣ ба ҳаёт ва саломатии онҳо мебошад, ки бо меъёри амалкунандаи «ба худкушӣ расонидан» пурра фаро гирифта намешаванд.

Таҳлили қонунгузории ҷиноятии давлатҳои пасошуравӣ нишон медиҳад, ки аломатҳои вазнинкунандаи таркиби ҷинояти «ба худкушӣ расонидан», ки дар онҳо пешбинӣ шудаанд, дараҷаи баланди хавфнокии ҷамъиятии чунин кирдорҳоро пурра инъикос менамоянд. Дар айни замон, ҳолатҳое аз ҳама хавфнок эътироф мегарданд, ки ин ҷиноят нисбат ба зани ҳомила, шахси оҷиз, ё нисбат ба ду ва ё зиёда ҷабрдида содир шуда, ё бо истифода аз воситаҳои ахбори омма ва ё шабакаи Интернет анҷом дода мешавад.

Бо ин асос, мувофиқи мақсад аст, ки ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ба худкушӣ расонидан фарқгузорӣ карда шавад. Барои ин, шартҳои зикршуда бояд дар моддаи 109 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун аломатҳои вазнинкунандаи ин ҷиноят мустаҳкам карда шаванд.

Ҳамин тариқ, фарқиятҳо дар танзими ҳуқуқии ин ҷиноят нишон медиҳанд, ки қонунгузории байналмилалӣ нисбат ба масъалаи худкушӣ ва омилҳои мусоидаткунандаи он равиши ягона надорад. Ин ҳолат зарурати таҳқиқ ва такмили механизмҳои ҳуқуқиро, ки ба ҳифзи шахсони осебпазир ва пешгирии сӯистифодаҳо дар ин соҳа равона шудаанд, таъкид менамояд.

Дар боби дуюм «Т**авсифи ҳуқуқии ҷиноятӣ ва бандубасти ҷинояти ба худкушӣ расонидан»,** ки аз чор зербоб иборат мебошад, аломатҳои таркиби ҷинояти мазкур, мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Хусусиятҳои чунин унсурҳои ҳатмии таркиби ҷиноят, аз қабили объекти таҷовузи ҷиноятӣ, тарафи объективии он, субъекти ҷиноят, инчунин хусусияти тарафи субъективӣ ошкор карда мешаванд; мушкилот ва душвориҳои асосӣ ҳангоми муайянсозӣ ва бандубасти онҳо мавриди баррасӣ қарор мегиранд. Ба фарқгузории таркиби ҷинояти ба худкушӣ расонидан аз ҷиноятҳое, ки аз рӯи табиати ҳуқуқии худ ба он наздиканд, таваҷҷуҳи махсус зоҳир шудааст.

**Дар зербанди якуми боби аввал «Объекти ба худкушӣ расонидан»** доираи муносибатҳое, ки ҳангоми содир шудани ин ҷиноят зери таҷовуз қарор мегиранд, муайян карда мешавад. Ба ошкорсозӣ ва тавсифи объекти бевосита ва иловагӣ, ки дар заминаи ҷавобгарӣ барои ба худкушӣ расонидани шахс таҳти ҳифзи ҳуқуқӣ – ҷиноятӣ қарор доранд, таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда мешавад.

Дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба худкушӣ расонидан ҳамчун таркиби мустақили ҷиноят ҷудо гардидааст, ки криминализатсияи он бо омилҳои ҷиддии иҷтимоӣ асоснок шудааст. Заминаҳои иҷтимоии криминализатсияи ин кирдор дар паҳншавии ҳолатҳои муносибати бераҳмона, таъқиби мунтазам (таҳқир ва фишори равонӣ) ва зӯроварӣ дар соҳаи оилавию маишӣ ифода меёфтанд, ки аксар вақт ҷабрдидагонро ба худкушӣ тела медоданд.

Бо дарназардошти дараҷаи баланди хавфнокии ҷамъиятии чунин падидаҳо, давлат ҷавобгарии ҷиноятиро барои таъсири равонӣ ба инсон, ки ба худкушии ӯ оварда мерасонад, муқаррар намудааст. Моҳияти ҳуқуқии ин кирдор дар таҷовуз ба ҳаёт дар шакли ғайримустақим ифода меёбад: тавассути вайрон намудани некӯаҳволии равонии шахс.

Дақиқ ва дуруст муайян намудани объекти таҷовузи ҷиноятӣ барои бандубасти ҷинояти ба худкушӣ расонидан ва фарқгузории он аз дигар таркибҳои монанд аҳаммияти калидӣ дорад. Аз ин ҷо зарурати муайянсозии возеҳи объект ба миён меояд, то ҳангоми бандубасти чунин кирдорҳо хатогиҳо роҳ наёбанд ва мавҷуд ё мавҷуд набудани маҷмӯи ҷиноятҳо дуруст муайян карда шавад.

Қайд мегардад, ки нисбат ба муайян намудани объекти хелии ҷиноятҳое, ки дар боби VII Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд, ақидаи ягона вуҷуд надорад. Бо

вуҷуди ин, равише бартарӣ дорад, ки мувофиқи он чунин объекти хелӣ бояд шахсият дар маҷмӯъ дониста шавад.

Ҳамзамон, аксари муҳаққиқон бар он мувофиқанд, ки объекти хелии ҷинояти мавриди баррасӣ ҳаёт ва саломатии ҳар як инсон мебошад.

Муаллиф мавқеero асоснок мекунад, ки хориҷ намудани шахсони гирифтори бемориҳои равонӣ, инчунин онҳое, ки ҳамчун «шахсияти нокифоя ташаккулёфта» тавсиф мешаванд, аз доираи объекти бевоситаи ҷиноят аз лиҳози ҳуқуқӣ асоснок нест, зеро ҳуқуқи ҷиноятӣ меъёрҳои мушаххасро барои муайян намудани дараҷаи рушди шахсияти ҷабрдида муқаррар накардааст.

Объекти ҷинояти ба худкушӣ расонидани шахс танҳо ҳаёти инсон ба ҳисоб меравад, ки ҳамчун арзиши олӣ ва мустақил аз ҷониби қонуни ҷиноятӣ таҳти ҳифз қарор дорад. Дар айни замон, дигар объектҳо, аз қабили саломатӣ, шаъну эътибори ҷабрдида, танҳо ҳамчун объектҳои иловагӣ ва дуюмдараҷа баррасӣ мегарданд, ки дар ҷараёни содир намудани ин кирдор мавриди таҷовуз қарор мегиранд.

Агар латукӯб, азобу уқубат, шиканҷа, пастзании мунтазам ё дигар шаклҳои таъсири ҷисмонӣ ва равонӣ бо мақсади ба худкушӣ расонидани шахс татбиқ шуда бошанд, чунин кирдорҳо ба бандубасти иловагӣ тибқи дигар моддаҳои Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ниёз надоранд. Ин ҳолат бо он вобаста аст, ки кирдорҳои зикршуда аҳаммияти мустақили ҷиноятӣ надоранд ва танҳо унсурҳои ҷудогонаи як раванди ягонаи ба худкушӣ расониданро ташкил медиҳанд, ки натиҷаи ниҳоии он фаро расидани марги ҷабрдида мебошад.

Объекти асосии бевоситаи ин ҷиноят (моддаи 109 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон) он муносибатҳои ҷамъиятие мебошанд, ки имконияти шахсро барои мустақилона ихтиёрдорӣ намудани ҳаёти худ таъмин намуда, ҳамзамон ҳаёти ӯро аз дахолати беруна ҳифз мекунанд. Ба ибораи дигар, кирдори ҷиноятии мавриди баррасӣ ба яке аз неъматҳои бунёдии шахс – ҳуқуқи ҷудонопазири ӯ ба ҳаёт ва ба худмуайянкунии сарнавишти шахсӣ, ки бо тартиботи ҳуқуқӣ кафолат дода шудааст, таҷовуз менамояд.

Ҳамзамон, ҳамчун объекти иловагии ҷиноят шаъну эътибори шахсият баромад мекунад, ки дар ҷараёни содир намудани кирдор ба он таъсири харобиовари равонӣ расонида мешавад. Чунин таъсир метавонад ба оқибатҳои манфии иҷтимоӣ-психологӣ, ахлоқӣ ва

ҳатто сиёсӣ-психологӣ оварда расонад, ки тамомияти шахсияти ҷабрдидаро халалдор месозанд. Ҳамин тариқ, таъсири ғайриқонуние, ки зери диспозитсияи моддаи 109 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мегирад, на танҳо ба ҳаёт ва истиқлолияти шахсии инсон, балки ба арзишҳои ғайримоддии ӯ, яъне шаъну эътибор низ зарар мерасонад. Ин ҳолат зарурати ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятии ҳар дуи ин ҷанбаҳоро асоснок менамояд.

Ҳангоми омӯзиши объекти ҷинояти ба худкушӣ расонидан, баррасии масъалаи предмети ин ҷиноят аҳаммияти муҳим дорад, зеро маҳз предмет ҳамон ҳалқаи пайвандиест, ки таъсири бевоситаи ҷинояткор ба он равона гардида, тавассути он ба объекти ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ зарар расонида мешавад.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ предмети ҷинояти ба худкушӣ расонидан бештар бо шахсияти ҷабрдида айният дода мешавад. Таъсир ба шахсияти ҷабрдида ҳангоми содир намудани ин ҷиноят метавонад ҳам хусусияти ҷисмонӣ ва ҳам равонӣ дошта бошад: дар ҳолати аввал сухан дар бораи расонидани ранҷу азобҳои ҷисмонӣ, латукӯб ва осебҳо меравад, дар ҳолати дуюм бошад: дар бораи фишори равонӣ, таҳдидҳо, манипулятсия бо шуур, пастзании шаъну эътибори инсон, ки ба тағйироти манфии равонӣ ва қабули қарори ҷабрдида оид ба қатъи ҳаёти худ оварда мерасонад.

**Дар зербоби дуюм боби дуюм «Тарафи объективии ҷинояти ба худкушӣ расонидан»** қайд мегардад, ки кирдоре, ки дар моддаи 109 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст, метавонад ҳам тавассути ҳаракат ва ҳам тавассути беҳаракатӣ содир гардад.

Усули ба худкушӣ расонидан аломати ҳатмии тарафи объективии ин ҷиноят буда, кирдорро тавсиф менамояд ва, чун қоида, хусусияти алтернативӣ дорад.

Муаллиф мавқеи сохтори расмии таркиби ҷиноятеро, ки дар моддаи 109 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст, ҷонибдорӣ мекунад, зеро дар ин модда маҳз ба худкушӣ расонидан ё ба суйиқасди худкушӣ расонидан криминализатсия гардонида шудааст, на худи кирдори худкушӣ ё суйиқасд ба он.

Усулҳои содир намудани ҷинояти пешбинишудаи моддаи 109 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд дар шакли ҳаракати ҷиноятӣ ё беҳаракатии шахси гунаҳгор зоҳир гарданд.

Бо вуҷуди ин, муаллиф дар натиҷаи таҳлили маводи амалияи судӣ-тафтишотӣ ба хулоса меояд, ки дар амалия содир намудани ба

худкушӣ расонидан тавассути беҳаракатӣ қариб мушоҳида намешавад.

Ҳамзамон, ба ақидаи муаллиф, истисно намудани чунин шакли содир намудани ҷиноят ҷоиз нест. Беҳаракатии ҷиноятӣ дар доираи ин таркиб комилан имконпазир буда, метавонад дар иҷро накардани уҳдадориҳои қонунии шахси гунаҳгор нисбат ба ҷабрдида ифода ёбад (масалан, иҷро накардани уҳдадориҳои волидон оид ба нигоҳубини кӯдак, расонидан накардани кӯмак ба падару модари солхӯрда ё дигар шахсони вобаста). Ба намунаҳои мушаххаси беҳаракатӣ метавон чунин ҳолатҳоро дохил намуд: расонида нашудани ёрии тиббӣ, таъмин накардан бо ғизо, дору, либос ё паноҳгоҳ нисбат ба шахсе, ки дар ҳолати оҷизӣ ё вобастагӣ қарор дорад.

Дар натиҷаи таҳлили тарафи объективии таркиби ҷинояте, ки дар моддаи 109 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст, муаллиф ба хулоса меояд, ки аломатҳои он, ҳарчанд аз лиҳози зоҳирӣ бо аломатҳои баъзе ҷиноятҳои дигар (моддаҳои 111, 112, 119, 129, 130 КҶ ҶТ ва ғайра) шабоҳат доранд, вале аз онҳо аз ҷиҳати муҳтавои ҳуқуқӣ ва табиати ҳуқуқӣ фарқ мекунанд.

Ҳангоми бандубаст намудани ҷиноят тибқи моддаи 109 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти калидӣ усули ба худкушӣ расонидан касб менамояд. Зери ин мафҳум шаклҳои мушаххаси ҳаракатҳои ғайриқонунии шахси гунаҳгор фаҳмида мешаванд, ки ба таъсири равонӣ равона гардидаанд: тавассути таъсири мустақим ё ғайримустақим ба ҳолати эҳсосии ҷабрдида, ки дар ниҳоят ӯро ба қабули қарор оид ба маҳрум сохтани ихтиёрии худ аз ҳаёт меорад.

Аввалин усуле, ки дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мустаҳкам гардидааст, таҳдид мебошад, ки ба шахсияти ҷабрдида ё наздикони ӯ равона шудааст, ба истисноитаҳдидҳое, ки ба молу мулки онҳо вобастаанд. Ҳангоми арзёбии хусусияти таҳдид дарки субъективии ҷабрдида аҳаммияти махсус дорад, яъне ҳолате, ки ӯ таҳдидро ҳамчун хатари воқеӣ барои худ қабул намудааст. Таҳдид ҳамчун усули ба худкушӣ расонидан ба фурӯ нишондани иродаи ҷабрдида ва водор сохтани ӯ ба қатъи ихтиёрии ҳаёт равона мегардад.

Усули дигари дар қонун пешбинишуда муносибати бераҳмона бо ҷабрдида мебошад. Айни замон дар қонунгузории амалкунандаи ҷиноятӣ ва адабиёти ҳуқуқӣ таърифи дақиқи мафҳуми «муносибати

бераҳмона» мавҷуд нест. Дар робита ба ин, муаллиф таърифи муаллифии худро пешниҳод менамояд, ки тибқи он муносибати бераҳмона – рафтори қасдона ва бераҳмона шахси гунаҳгор мебошад, ки шаъну эътибори инсонии ҷабрдидаро паст мезанад. Он метавонад дар шакли зӯроварии ҷисмонӣ, равонӣ ё дар омезиши онҳо зоҳир гардад. Чунин кирдорҳо бо дараҷаи баланди ғайриинсонӣ фарқ намуда, ба фурӯ нишондани иродаи ҷабрдида, расонидани ранҷу азобҳои шадиди ҷисмонӣ ва маънавӣ равона мешаванд, ки дар натиҷа ӯ қарор дар бораи қатъи ихтиёрии ҳаёти худ қабул мекунад.

Усули дигари содир намудани ин ҷиноят пастзании мунтазами шаъну эътибори ҷабрдида мебошад. Зери пастзании мунтазам амалҳои такроршавандае фаҳмида мешаванд, ки ба таҳқири ҷабрдида равона гардидаанд, аз ҷумла: масхара кардан, истеҳзо, паҳн намудани маълумоти барқасдона бардурӯғ, масхараи дағал нисбат ба нуқсонҳои ҷисмонӣ ва дигар кирдорҳои монанд.

Бо дарназардошти он ки то имрӯз Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон меъёрҳо ва тавзеҳоти равшан ва муфассалро нисбат ба чунин усули содир намудани ҷиноят, ба мисли пастзании мунтазами шаъну эътибори инсон, таҳия накардааст, муаллиф ба хулоса меояд, ки амалҳои ҷудогона ва лаҳзавӣ, аз қабили яккабор таҳқир кардан, масхара, тӯҳмат (бӯҳтон) ва дигар кирдорҳои шабеҳ, худ аз худ наметавонанд таркиби ҷиноятеро, ки дар моддаи 109 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст, ба вуҷуд оваранд.

Дар навбати худ, ҳамаи усулҳое, ки дар моддаи 109 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон зикр шудаанд, метавонанд ҳамчун «усулҳои таъсири зӯроварона» номида шаванд. Баъзеи онҳо хусусияти сирф равонӣ доранд (масалан, таҳдид), дар ҳоле ки усулҳои дигар дар татбиқи зӯроварии равонӣ нисбат ба ҷабрдида, ки бо зӯроварии ҷисмонӣ пайваст мебошад, ифода меёбанд (маҷбуркунӣ ба содир намудани кирдорҳои ғайриқонунӣ, рафтори бераҳмона, пастзании мунтазами шаъну эътибори инсон).

Инчунин, муаллиф таҳлили алоҳидаи чунин аломати ҳатмии тарафи объективии таркиби ҷиноятро анҷом додааст, ки он мавҷудияти робитаи сабабӣ байни кирдори шахси гунаҳгор ва худкушии ҷабрдида мебошад. Омӯзиши амалияи судӣ вобаста ба моддаи 109 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муаллиф имкон дод, ки ба хулоса ояд: муайян намудани робитаи байни

кирдори шахси ҷиноят содирнамуда ва қарори ҷабрдида оид ба содир намудани худкушӣ дар амалия бо душвориҳои ҷиддӣ рӯ ба рӯ мегардад.

Ин ҳолат ба зарурати исботи боварибахш вобаста аст, ки маҳз кирдорҳои ғайриқонунии шахси гунаҳгор, на омилҳои дигар, сабаби мустақими фаро расидани оқибатҳои зикршуда гардидаанд. Таъкид мегардад, ки муқаррар намудани чунин робитаи сабабӣ аломати ҷудонопазири маҳз таркибҳои моддии ҷиноятҳо мебошад, ки ҷинояти мавриди баррасӣ низ ба ҳамин гурӯҳ мансуб аст.

**Дар боби сеюм «Аломатҳои субъективии ҷинояти ба худкушӣ расонидан»** таҳлили ҳамаҷонибаи субъекти ҷиноят ва тарафи субъективии ин навъи кирдори ҷиноятӣ анҷом дода мешавад.

**Дар зербоби аввали боби сеюм «Субъекти ба худкушӣ расонидан»** аломатҳои тавсифдиҳандаи субъекти ҷиноят дар робита бо ҷинояти мазкур таҳлил гардидааст.

Муаллиф ба робитаи зичи мафҳуми субъекти ҷиноят бо мафҳуми ҷавобгарии ҷиноятӣ ишора менамояд, зеро бе муайянсозии дақиқи субъекти ҷиноят татбиқи механизми ҷалб ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ғайриимкон аст.

Барои эътироф намудани шахси воқеӣ ҳамчун субъекти ҷиноят ва имконияти ҷалби ӯ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ, мавҷуд будани як қатор шартҳои ҳатмӣ зарур мебошад, аз ҷумла мукаллафӣ ва расидан ба синни қонунан муқарраршудаи ҷавобгарии ҷиноятӣ.

Субъекти кирдоре, ки дар моддаи 109 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст, шахси воқеие мебошад, ки то лаҳзаи содир намудани ҷиноят ба синни шонздаҳсолагӣ расидааст. Расидан ба ин синн шартии ҳатмии ҷалб намудани шахс ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ба ҳисоб меравад.

Муқаррар намудани синни субъекти ҷиноят дар қонуни ҷиноятӣ ба сатҳи инкишофи шуури ноболиғ такя мекунад. Дар ин марҳила шахс бояд қобилияти дарк намудани огоҳона, маънодор ва мақсадноки кирдорҳои хавфноки ҷамъиятиро дошта бошад.

Дар ин сатҳи рушд, ноболиғ аллакай қодир аст хавфнокии иҷтимоии зӯроварӣ ва пастзании мунтазами шаъну эътибори дигаронро дарк намояд, агар ӯ дар муҳите тарбия ёфта бошад, ки ба ташаккули фаҳмиши дурусти меъёрҳои ахлоқӣ ва иҷтимоӣ монеа эҷод накарда бошад ва ҳамзамон аз бемориҳои равонӣ ранҷ набарад.

Наврасоне, ки ба синни зикршуда расидаанд, метавонанд ба таври возеҳ дарк намоянд, ки амалҳои марбут ба муносибати

бераҳмона ё пастзании доимӣ метавонанд ба ҷабрдида осебҳои ҷиддии ҷисмонӣ ва равонӣ расонанд. Онҳо инчунин хатари воқеии онро мефаҳманд, ки шахсе, ки зери фишори мунтазами равонӣ қарор дорад, метавонад ҳамчун роҳи ягонаи раҳоӣ аз ранҷу азоб ба қадами ниҳоӣ – кӯшиши худкушӣ даст занад.

Ҳамзамон бояд таъкид намуд, ки ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ба худкушӣ расонидан танҳо бо шахси воқеии мукаллафе, ки қонун муайян намудааст, алоқаманд аст (моддаи 22 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон).

Яке аз хусусиятҳои умумии субъекти ҷиноят мукаллафӣ мебошад. Аз ин мафҳум бармеояд, ки шахсе, ки ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ҷалб мегардад ва ҳамчун субъекти ҷиноят эътироф мешавад, ҳангоми содир намудани ҷиноят қобилияти дарк намудани ҳаракат ё беҳаракатии худро ва идора кардани онҳоро дошта бошад (қисми 1 моддаи 24 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон).

Мафҳумҳои «субъекти ҷиноят» ва «шахсияти ҷинояткор» ҳаммаънои наздик мебошанд, аммо байни онҳо фарқиятҳои принсипиалӣ вуҷуд доранд. Гарчанде ҳар ду мафҳум нисбат ба шахсе истифода мешаванд, ки ҷиноят содир намудааст, ҳар кадоми онҳо дорои муҳтаво ва аҳаммияти махсуси худ дар қонунгузории ҷиноятӣ мебошанд. «Шахсияти ҷинояткор» мафҳуми васеътар нисбат ба «субъекти ҷиноят» ба ҳисоб меравад. Ҳамзамон, ин истилоҳҳо вазифаҳои тамоман гуногуни ҳуқуқиро иҷро мекунанд: агар мавҷудияти субъекти ҷиноят ҳамчун шарти ҳатмии фаро расидани ҷавобгарии ҷиноятӣ хизмат намояд, пас тавсифи шахсияти ҷинояткор асосан ҳангоми таъйини ҷазо ва фардисозии он ба назар гирифта мешавад. Маҳз омӯзиши амиқ ва ҳамаҷонибаи сифатҳои шахсии гунаҳгор имкон медиҳад, ки чунин мақсадҳои ҷазо, аз қабили ислоҳи ӯ ва пешгирии содир намудани ҷиноятҳои нав, самаранок амалӣ гарданд.

Омӯзиши парвандаҳои ҷиноятӣ нишон медиҳад, ки дар байни шахсони гунаҳгор мардон бартарӣ доранд – ҳиссаи онҳо ба 74,9 фоиз мерасад, дар ҳоле ки занон танҳо 25,1 фоизи шумораи умумии шахсони ошкоршудаи гунаҳгорро ташкил медиҳанд. Бо вуҷуди ин, таҳлили маводи парвандаҳои ҷиноятӣ нишон медиҳад, ки сарфи назар аз камшумортар будан дар байни айбдоршавандагон, занон низ дар содир намудани ҷинояти мавриди баррасӣ нақши фаъол ва назаррас доранд ва нередко якҷоя бо мардон ё ҳамзамон бо онҳо амал мекунанд.

Дар як қатор ҳолатҳо занон дар фурӯ нишондани иродаи ҷабрдида тавассути чунин кирдорҳо, ба мисли пастзании шаъну эътибор, латукӯб ва муносибати бераҳмона, фаъолона иштирок намудаанд. Бо ин вуҷуд, таҳлили парвандаҳои ҷиноятӣ тибқи моддаи 109 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳодат медиҳад, ки аксарияти мутлақи айбдоршавандагон аз рӯи ин гурӯҳи ҷиноятҳо мардон мебошанд – ҳиссаи онҳо ба 74,9 фоизи шумораи умумии шахсони гунаҳгор мерасад.

Ҳамчунин қонунгузор субъекти махсусро пешбинӣ менамояд, яъне шахсе, ки ҷабрдида дар вобастагии моддӣ ё вобастагии дигар аз ӯ қарор дорад. Бо дарназардошти пешбинӣ гардидани субъекти махсус дар моддае, ки ҷавобгариро барои ба худкушӣ расонидан муқаррар менамояд, зарурати равшан намудани муҳтавои субъекти махсуси ҷиноят ба миён меояд.

Бешубҳа, хавфнокии ҷамъиятии кирдори шахси гунаҳгор дар ҳолатҳое ба таври назаррас меафзояд, ки ҷиноят нисбат ба шахси вобаста аз ӯ содир карда шавад. Дар чунин вазъиятҳо ҷабрдида бинобар сабабҳои объективӣ қодир нест худро ба таври пурра ҳифз намояд. Вазъи вобастагии ҷабрдида нисбат ба шахси гунаҳгор тибқи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун аломати ҳатмии қисми 2 моддаи 109 эътироф мегардад. Ҳақиқати мавҷуд будани чунин вобастагӣ байни гунаҳгор ва ҷабрдида бояд ҳатман муқаррар карда шавад, то қисми мазкури модда дуруст татбиқ гардад.

Яке аз намудҳои субъекти махсуси қисми 2 моддаи 109 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад шахси мансабдор бошад, ки ҷиноятро бо роҳи аз ҳад гузаронидани ваколатҳои мансабӣ содир намудааст, гарчанде ин аломат бевосита дар матни қисми мазкури модда зикр нашудааст. Масалан, агар ба худкушӣ расонидан аз ҷониби шахси мансабдор бо истифодаи ваколатҳои хизматӣ анҷом дода шуда бошад, кирдорҳои ӯ бояд аз рӯи маҷмӯи ҷиноятҳо: қисми 2 моддаи 109 ва банди «в» қисми 3 моддаи 316 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бандубаст карда шаванд.

Бо такя ба гуфтаҳои боло, пешниҳод мегардад, ки ҳамчун аломати вазнинкунандаи ҷинояти ба худкушӣ расонидан: содир намудани чунин кирдорҳо аз ҷониби шахси мансабдор бо истифодаи мавқеи хизматӣ бевосита дар қисми 2 моддаи 109 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мустаҳкам карда шавад.

**Зербоби дуюми боби сеюм «Тарафи субъективии ба**

**худкушӣ расонидан» номгузорӣ шудааст.**

Тарафи субъективӣ аҳаммияти муҳим дорад, зеро он ҳатман нияти шахси гунаҳгорро барои моил намудани ҷабрдида ба қабули қарор оид ба худкушӣ дар бар мегирад. Дар сурати набудани қасди мушаххас, ҳар гуна ҳолатҳои беруна, ки метавонанд шахсро ба худкушӣ водор созанд, аммо бо амалҳои мақсадноки шахси гунаҳгор ҳамроҳ нестанд (масалан, қатъи эҳсосии муносибатҳо, ба таъхир андохтани пардохти музди меҳнат, мулоҳизаи таҳқиромез ё изҳороти манфии ногаҳонӣ), наметавонанд ҳамчун кирдори ҷиноятӣ барои ба худкушӣ расонидан арзёбӣ шаванд. Масъалаи муҳтаво ва аломатҳои тарафи субъективии таркиби ба худкушӣ расонидан то имрӯз баҳснок боқӣ монда, дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва амалияи судӣ ҳалли ягона надорад.

Амалияи татбиқи моддаи 109 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо як қатор душвориҳои ҷиддӣ рӯ ба рӯ аст. Ба андешаи мо, сабабҳои чунин мушкилот на танҳо ва ҳатто на он қадар ба сатҳи пасти тахассуси ҳуқуқии баъзе кормандони мақомоти тафтишот ва судӣ, балки, пеш аз ҳама, ба номуайянӣ ва ихтилофнокии шарҳи илмии таркиби ин ҷиноят вобаста мебошанд. Фаҳмиши доктриналии таркиби ҷиноят ногузир ба шарҳи расмӣ ва қонунгузории он таъсир мерасонад. Аз ин рӯ, барои бандубасти дақиқ ва дурусти ҷинояти пешбинишудаи моддаи 109 КҶ ҶТ, омӯзиши ҳамаҷониба, амиқ ва объективии табиати дохилӣ ва муҳтавои аломатҳои берунии объективии амалҳои айбдоршаванда аҳаммияти хос дорад.

Дар илми муосири ҳуқуқи ҷиноятӣ ихтилофи назаррас нисбат ба тарафи субъективии ҷинояти ба худкушӣ расонидан мушоҳида мегардад. Бархе аз муҳаққиқон бар онанд, ки ин ҷиноят метавонад ҳам қасдона (бо қасди бевосита ё бавосита) ва ҳам аз рӯи беэҳтиётӣ (дар шакли бепарвоии ҷиноятӣ) содир гардад. Равиши илмии дигар имкони содир шудани онро бо қасди бевосита ё бавосита эътироф мекунад.

Ҳамаи ин равишҳо баҳсноканд, зеро ҷанбаи принсипиалӣ дар он аст, ки таркиби ҷинояти мазкур дар назар дорад, ки ҷабрдида қобилияти иродаи озодро нигоҳ дошта, имкони интихоб байни худкушӣ ва даст кашидан аз он қадамро доштааст. Меъёри калидии бандубаст рафтори огоҳона ва мақсадноки шахси гунаҳгор мебошад, ки бо кирдорҳои худ чунин шароитро ба вуҷуд меорад, ки дар он ҷабрдида қарор дар бораи маҳрум сохтани худ аз ҳаёт қабул мекунад. Дар ин замина, ба худкушӣ расонидан (моддаи 109 КҶ ҶТ)

аз рӯи табиати ҳуқуқии худ ҳамеша кирдори қасдона ба ҳисоб меравад. Ҳамзамон, набудани озодии воқеии интихоби ҷабрдида (масалан, ҳангоми бемории равонӣ ё ҳолати оҷизӣ) бандубастро тибқи ин модда истисно мекунад, зеро дар чунин ҳолат сухан дар бораи дигар таркибҳои ҷиноятҳо муқобили ҳаёт меравад.

Ангезаҳои ба худкушӣ расонидан метавонанд гуногун бошанд, аз ҷумла адовати шахсӣ, талош барои манфиати шахсӣ, бартараф кардани рақибон ва дигар ҳавасмандиҳо. Тибқи таҳрири амалкунандаи моддаи 109 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ангеза бевосита ба бандубасти кирдор таъсир намерасонад, аммо метавонад аз ҷониби суд ҳангоми фардисозии ҷазо ба назар гирифта шавад.

Бо вуҷуди ин, дар амалия ҳолатҳое низ дучор меоянд, ки ангезаи муайян нақши ҳалкунанда мебозад ва ба унсури ҳатмии тарафи субъективии таркиб табдил меёбад. Аз ҷумла, ба худкушӣ расонидан метавонад аз рӯи ангезаҳои ғаразнок содир гардад. Бо дарназардошти ин, пешниҳод мегардад, ки ба моддаи 109 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйирот ворид карда шуда, муқаррароти зерин пешбинӣ гардад: «Кирдорҳое, ки дар қисми якуми ҳамин модда пешбинӣ шудаанд ва аз рӯи ангезаҳои ғаразнок содир гардидаанд, ҷазо дода мешаванд…».

Дар чунин ҳолатҳо кирдори шахси гунаҳгор танҳо бо қасди бевосита содир мегарданд, зеро ӯ маҳз бо ҳамин роҳ ният дорад аз ҳисоби ҷабрдида манфиати моддӣ ба даст орад. Ҷорӣ намудани чунин меъёр имкон медиҳад хусусияти хоси кирдори ҷиноятӣ дақиқтар инъикос ёфта, самаранокии таъсири ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ баланд бардошта шавад.

**Дар параграфи сеюм «Ҷудо намудани таркиби ба худкушӣ расонидан аз дигар таркиби ҷиноятҳои монанд»** нишон дода мешавад, ки ҷудосозии дурусти ба худкушӣ расонидан аз дигар кирдорҳои ҷиноятии наздик аз лиҳози аломатҳо аҳаммияти принсипиалӣ барои арзёбии ҳуқуқии кирдори содиршуда дорад. Ин ҳолат бо он вобаста аст, ки ҷинояти мавриди таҳқиқ ба гурӯҳи кирдорҳое мансуб мебошад, ки бо фаро расидани оқибатҳои ниҳоят вазнин, яъне маҳрум гардидани ҳаёти ҷабрдида, алоқаманд аст. Муайян карда мешавад, ки меъёри асосии фарқгузории ба худкушӣ расонидан аз одамкушӣ, пеш аз ҳама, дар хусусиятҳои тарафи объективӣ ифода меёбад: дар ҳолати ба худкушӣ расонидан марг натиҷаи қарори огоҳона ва мустақили худи ҷабрдида мебошад, дар

ҳоле ки дар одамкушӣ қатъи ҳаёт мустақиман дар натиҷаи таъсири ҷисмонии шахси гунаҳгор ба амал меояд.

Асоснок карда мешавад, ки чунин шаклҳои рафтори ғайриқонунӣ, аз қабили тарсондан, муносибати бераҳмона, латукӯб, расонидани зарари ҷисмонӣ ё равонӣ, инчунин пастзании тӯлонии шаъну эътибори инсон, дар сурати мавҷуд будани робитаи сабабӣ бо худкушии ҷабрдида, одатан аҳаммияти таркиби мустақили ҷиноятиро аз даст дода, ҳамчун усулҳои содир намудани ҷинояти ба худкушӣ расонидан арзёбӣ мегарданд. Ҳамзамон таъкид карда мешавад, ки дар ҳолатҳое, ки хусусият ва шиддати таъсири татбиқшуда дараҷаи маъмулии хавфнокии ҷамъиятии ин ҷиноятро хеле зиёд менамояд (масалан, ҳангоми қасдан расонидани зарари вазнин ба саломатӣ ё истифодаи шиканҷа), зарурати бандубасти кирдор тибқи маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ба миён меояд.

Дар параграф инчунин масъалаи таносуби моддаи 109 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дигар таркибҳои ҷиноятие, ки аз лиҳози табиати ҳуқуқӣ ба он наздик мебошанд, аз ҷумла бо ҷиноятҳои вобаста ба шиканҷа ва иҷрои номатлуби уҳдадориҳо оид ба таъмини амнияти ҳаёт ва саломатии ноболиғон, таҳлил карда мешавад. Нишон дода мешавад, ки дар чунин ҳолатҳо ҳаллу фасли рақобати меъёрҳо дар дараҷаи баланд аз таҳлили тарафи субъективии кирдор, пеш аз ҳама аз шакли гуноҳ ва мавҷуд ё набудани нияти ҳадафноки ба худкушӣ расонидани ҷабрдида вобаста мебошад.

Дар фарҷом хулоса бароварда мешавад, ки ҷудосозии боэътимоди ба худкушӣ расонидан аз одамкушӣ ва дигар ҷиноятҳои ҳаммонанд танҳо дар сурати таҳлили ҳамаҷонибаи ҳамаи унсурҳои таркиби ҷиноят, аз ҷумла дараҷаи озодии иродаи ҷабрдида, хусусияти рафтори ӯ ва нақши воқеии шахси гунаҳгор дар ташаккул ва фаро расидани оқибати марговар, имконпазир мебошад.

## ХУЛОСА

Ҳамин тавр, таҳқиқоти анҶомдодашуда имкон медиҳад, ки чунин хулосабарорӣ намоем:

1. Зери мафҳуми ба худкушӣ расонидан бояд ҳаракатҳои ғайриқонунии шахс фаҳмида шаванд, ки дар шакли таҳдидҳои мунтазам, истифодаи фишори равонӣ ё зӯроварӣ, пастзании такрории шаъну эътибори инсон, инчунин фароҳам овардани

шароити аз ҷиҳати равонӣ вазнин ифода меёбанд. Ин гуна кирдорҳо ҷабрдидаро водор месозанд, ки қарорҳои огоҳона дар бораи маҳрум сохтани худ аз ҳаёт қабул намояд ё ба содир намудани кӯшиши чунин амал даст занад [4–М].

2. Пешниҳод гардидааст таърифи муаллифии худкушӣ ҳамчун навъи махсуси рафтори ғайриахлоқии шахсият, ки моҳияти он дар қатъи ихтиёрӣ ва огоҳонаи ҳаёти худ ифода меёбад. Ин кирдор аз ҷониби инсон зери таъсири омилҳои манфии равонӣ ё ҳолатҳои беруна, ки дар натиҷаи таъсири муҳити атроф ба вуҷуд омада, дар вайроншавии тавозуни эҳсосии дохилӣ, ҳолати равонӣ ва самтгириҳои ахлоқии шахс зоҳир мешаванд, содир мегардад [1–М].

3. Муаллиф объекти намудии ҷинояти пешбинишудаи моддаи 109 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳамчун маҷмӯи муносибатҳои ҷамъиятие муайян менамояд, ки ба ҳифзи ҳуқуқи инсон ба ҳаёт ва таъмин намудани амнияти ӯ аз кирдорҳои ғайриқонунӣ равона гардидаанд [2–М].

4. Асоснок карда мешавад, ки объекти бевоситаи ҷинояти пешбинишудаи моддаи 109 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд он муносибатҳои ҷамъиятӣ бошанд, ки ҳуқуқи субъективии шахсро ба ихтиёрдорӣ намудани озодона ва мустақилонаи ҳаёти худ, татбиқ ва ҳифзи он аз таъсироти беруна дар бар мегиранд. Ҳамзамон, ин ҷиноят дорои объекти иловагӣ низ мебошад. Ба сифати чунин объект шаъну эътибори инсон баромад мекунад, ки ба он таъсири манфии равонии шахси гунаҳгор равона гардида, ба ташаккули маҷмӯи ҳолатҳо ва сифатҳои манфии равонӣ дар ҷабрдида мусоидат менамояд. Ин ҳолатҳо дар ниҳоят ба хароб гардидани шахсияти ҷабрдида дар сатҳҳои ахлоқӣ, иҷтимоӣ, равонӣ ва ҳатто сиёсӣ оварда мерасонанд.

5. Хусусияти хоси таркиби ҷинояти ба худкушӣ расонидан дар таҳрири Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон соли 1961 дар он ифода меёфт, ки мавҷудияти мақоми махсуси ҷабрдида шарти ҳатмӣ ба ҳисоб мерафт. Ҳамзамон, чунин таркибҳои ҷиноятӣ, ба мисли моилсозӣ ба худкушӣ ё мусоидат дар содир намудани он нисбат ба ноболиғ ё шахси қобилияти амал надошта, ки дар Кодекси ҷиноятии соли 1935 пешбинӣ шуда буданд, дар Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон соли 1961 мавҷуд набуданд [5–М]; [7–М].

6. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 майи соли 1998, бо дарназардошти ҳам ҷиҳатҳои мусбат ва ҳам манфии кодексҳои қаблӣ, доироти криминализатсияи ба худкушӣ

расониданро васеъ намуд. Ба ғайр аз чунин шаклҳои қаблан пешбинишудаи кирдори ҷиноятӣ, аз қабили муносибати бераҳмона ва пастзании мунтазами шаъну эътибори шахсияти ҷабрдида, қонунгузор аломати иловагии таркиби ҷиноят, яъне таҳдидро ворид кард. Ҳамин тариқ, номгӯйи усулҳои содир намудани ин ҷиноят васеъ гардида, имкон дод, ки гуногунрангии шаклҳои фишор ба ҷабрдида пурратар ба назар гирифта шуда, самаранокии танзими ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ баланд бардошта шавад.

7. Бар хилофи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, кодексҳои ҷиноятии аксари давлатҳои пасошуравӣ чунин кирдорҳоро ҳамчун ҷиноят эътироф мекунанд: моилсозӣ ба худкушӣ (Россия, Қирғизистон, Беларус, Узбекистон, Туркманистон); инчунин сафедсозии оммавии худкушӣ (Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Молдова).

8. Тарафи субъективии ба худкушӣ расонидан дар аксари кодексҳои ҷиноятии давлатҳои пасошуравӣ таҳкими дақиқи қонунгузорӣ пайдо накардааст ва он ба таври мустақим мушаххас карда нашудааст. Истисно аз ин қоида Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Қирғизистон мебошад, ки дар он ба таври равшан байни ба худкушӣ расонидани қасдона ва ба худкушӣ расонидан аз рӯи беэҳтиётӣ фарқ гузошта шуда, барои кирдори қасдона ҷавобгарии сахттар муқаррар гардидааст[6–М] .

## ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ

1. Бо назардошти таҷрибаи қонунгузории давлатҳои пасошуравӣ ба мақсад мувофиқ мебуд, агар номгуйи ҳолатҳои вазнинкунандаи ба худкушӣ расонидан васеъ карда шуда ба чунин сифат ҳолатҳои зерин муқаррар карда шаванд: баръало дар ҳолати оҷизӣ қарор доштани ҷабрдида, нисбати ду ё зиёда ҷабрдида, аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо созиши пешакӣ ё гурӯҳи ҷиноятӣ, тавассути истифодаи шабакаҳои телекоммуникатсия, аз ҷумла, шабакаи Интернет содир шудани ба худкушӣ расонидан.

2. Бо мақсади таҳкими қонунгузории номгӯйи пурра ва мукаммали намудҳои кирдорҳо, ки тавассути онҳо ба худкушӣ расонидан амалӣ мегардад, зарур шуморида мешавад такмили моддаи 109 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳи васеъ намудани номгӯйи амалҳои манъшуда. Аз ҷумла, пешниҳод мегардад, ки ҳамчун шаклҳои мустақили содир намудани ин ҷиноят

чунин кирдорҳо пешбинӣ карда шаванд: фишори равонӣ бо истифода аз таҳдидҳо, тӯҳмат, таҳқирҳои мунтазам, паҳн намудани маълумоти таҳқиромез нисбат ба шахсияти ҷабрдида, тарсондан, инчунин дигар шаклҳои таъсири равонӣ. Ҷорӣ намудани чунин муқаррарот имкон медиҳад, ки ҳифзи самараноки ҷабрдидагон аз ин гуна кирдорҳои ғайриқонунӣ таъмин гардида, таъсирнокии танзими ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ дар самти пешгирии ба худкушӣ расонидан ба таври назаррас баланд бардошта шавад[3–М] .

3. Муаллиф зарурати васеъ намудани қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо роҳи ҷорӣ намудани меъёрҳои алоҳида, ки ҷавобгариро барои чунин кирдорҳо, ба мисли моилсозии шахс ба содир намудани худкушӣ, инчунин мусоидат дар анҷом додани он, пешбинӣ менамоянд, асоснок мекунад. Ин пешниҳод бо камбудиҳои ошкоргардида дар таҳрири амалкунандаи моддаи 109 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста буда, ҳадафи он тақвияти ҳифзи шаҳрвандон аз шаклҳои нави таъсири ғайриқонунӣ ба ҳаёт ва саломатии онҳо мебошад, ки бо меъёри амалкунандаи «ба худкушӣ расонидан» пурра фаро гирифта намешаванд.

4. Бо мақсади ноил шудан ба ягонагӣ ва дақиқӣ дар амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ ҳангоми бандубасти ҷинояти пешбинишудаи моддаи 109 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, пешниҳод мегардад қарори дахлдори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва қабул карда шавад. Дар он бояд тавсияҳо ва шарҳҳои возеҳ нисбат ба аломатҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятии ин ҷиноят дода шаванд, аз ҷумла оид ба шаклҳои гуноҳ, муҳтавои усулҳои содир намудани ҷиноят, аломатҳои хоси ба худкушӣ расонидан, инчунин меъёрҳои фарқгузории он аз таркибҳои монанд ӣ муайян карда шаванд.

5. Ҳамчунин пешниҳод мегардад, ки моддаи 109 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо муқаррароти нав пурра карда шавад, ки ҷавобгариро барои ба худкушӣ расонидан тибқи қисми 1 ҳамин модда, агар он аз рӯи ангезаҳои ғаразнок содир шуда бошад, пешбинӣ намояд. Чунин кирдорҳо ҳамеша бо қасди бевосита анҷом дода мешаванд, зеро шахси гунаҳгор дарк менамояд, ки танҳо баъд аз марги ҷабрдида метавонад ба молу мулк, маблағҳои пулӣ, дигар неъматҳои моддӣ соҳиб шавад ё аз вобастагии моддӣ нисбат ба ҷабрдида раҳо гардад. Ҷорӣ намудани чунин меъёр ба мубориза самараноктар бо ҷиноятҳои дорои ангезаҳои ғаразнок мусоидат хоҳад намуд.

# ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ

**I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

**[1–М].** Саидова М.А. Самоубийство – исключительно человеческий феномен [Матн] / М.А. Саидова // Вестник Таджикского национального университета. – 2017. – №2/3. – С.263-265; ISSN 2413-5151.

**[2–М].** Саидова, М.А. Понятие, социально-правовая обусловленность доведения до самоубийства [Матн] / М.А. Саидова // Вестник Таджикского национального университета. – 2017. – №2/5. – С.222-229; ISSN 2413-5151.

**[3–М].** Саидова, М.А. Омилҳои даст ба худкушӣ задани ҷавонону ноболиғон ва роҳҳои пешгирии он [Матн] / М.А. Саидова // Осори Академия. – 2018. – №1 (37). – С.157-166; ISSN 978-99947-738-0.

**[4–М].** Саидова, М.А. Ҷавобгарӣ нисбат ба амали худкушӣ тибқи меъёрҳои дини ислом [Матн] / М.А. Саидова // Осори Академия. – 2018. – №2 (38). – С.170-178; ISBN 978-99947-738-0. ISSN 2412-141X.

**[5–М].** Шарипов, Т.Ш., Саидзода М.А. Инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ба худкушӣ расонидан дар давраи аввали Ҳокимияти Шуравӣ [Матн] / Т.Ш. Шарипов М.А. Саидзода // Маҷаллаи Академияи ҳуқуқ. – 2025. – №3 (55). – С.194-199; ISSN 2305-0535.

**[6–М].** Саидзода, М.А. Субъекти ба худкушӣ расонидан [Матн] / М.А. Саидзода // Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2025. – №7. – С. 257-263; ISSN 2413-5151.

**[7–М].** Саидзода, М.А. Инкишофи қонунгузории Ҷумхурии Тоҷикистон оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ба худкушӣ расонидан дар давраи пас аз Ҳокимияти Шуравӣ [Матн] / М.А. Саидзода // Маҷаллаи Академияи ҳуқуқ. – 2025. – №4 (56). – С. 171-175; ISSN 2305-0535.

## II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:

**[8–М].** Саидова, М.А. Тамоюлҳои асосии илмӣ перомуни мафҳум ва моҳияти объекти ҷинояти ба худкушӣ расонидан [Матн] / М.А. Саидова // I-умин конференсияи илмӣ-амалӣ байналмилалӣ дар мавзуи «Илми ҳуқуқшиносӣ ва амалияи он»: маводи конференсия бахшида ба Рӯзи илми тоҷик (29-уми апрели соли 2022). – Душанбе: «Нашриёти ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон», 2022. – С. 285-293.

**[9–М].** Саидзода, М.А. Ҷавобгарӣ барои ба худкушӣ расонидан тибқи қонунгузории ҷиноятии давлатҳои хориҷӣ [Матн] / М.А. Саидзода // IV-умин конференсияи илмӣ-амалӣ байналмилалӣ дар мавзуи «Илми ҳуқуқшиносӣ ва амалияи он»: маводи конференсия бахшида ба Рӯзи илми тоҷик (18-уми апрели соли 2025). – Душанбе: «Нашриёти ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон», 2025. – С. 437-445.

**[10–М].** Саидзода, М.А. Ҷудо намудани таркиби ҷинояти ба худкушӣ расонидан аз дигар таркибҳои монанд [Матн] / М.А. Саидзода // конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муосир ва рушд»: маводи конференсия бахшида ба 27-солагии Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (21-уми майи соли 2025). – Душанбе: «Нашриёти ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон», 2025. – С. 165-171.

**АКАДЕМИЯ МИНИСТЕРСТВА ВНУТРЕННИХ ДЕЛ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН**

На правах рукописи

**УДК:** 343.9 (575.3)
**ББК:** 67.99 (2Т) 8
**С-**14

**САИДЗОДА МЕХРУБОН АКБАРХОН**

# УГОЛОВНАЯ ОТВЕТСТВЕННОСТЬ ЗА ДОВЕДЕНИЕ ДО САМОУБИЙСТВА ПО ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВУ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**АВТОРЕФЕРАТ**

диссертации на соискание ученой степени кандидата юридических наук по специальности 5.5.8. Уголовное право и криминология; уголовно-исполнительное право

Душанбе – 2026

**Диссертация выполнена на кафедре уголовного права, криминологии и психологии факультета №2 Академии Министерства внутренних дел Республики Таджикистан.**

**Научный руководитель:** **Шарипов Такдиршох Шарифович** – доктор юридических наук, профессор, профессор кафедры уголовного права и противодействия коррупции юридического факультета Таджикского национального университета.

**Официальные оппоненты:** **Абдухамитов Валиджон Абдухалимович** – доктор юридических наук, профессор кафедры уголовного права Российско–Таджикского (Славянского) университета;

**Гайратов Тимуршо Мубораxшевич** – кандидат юридических наук, доцент, декан факультета экономики и коммерции Таджикского государственного коммерческого университета.

**Ведущее учреждение:** Образовательное учреждение высшего профессионального образования «Таджикский государственный финансово–экономический университет» (г. Душанбе).

Защита диссертации состоится «25» апреля 2026 г., в $9^{\underline{00}}$ часов на заседании диссертационного совета 6D.КОА–019 при Таджикском национальном университете (734025, г. Душанбе, ул. Буни Хисорак, корпус 11, 1 этаж, зал диссертационного совета юридического факультета).

С диссертацией можно ознакомиться на сайте www.tnu.tj и в Центральной научной библиотеке Таджикского национального университета по адресу: 734025, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17.

**Адрес:** 734025, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17 E-mail: qobil9498@mail.ru **Тел:** 988949405.

Автореферат разослан: «___» ____________ 2026 года.

**Ученый секретарь**
**диссертационного совета,**
**кандидат юридических наук** **Мирзозода К.Х.**

# ВВЕДЕНИЕ

**Актуальность темы исследования.** В соответствии со статьей 5 Конституции Республики Таджикистан «человек, его права и свободы являются высшей ценностью. Жизнь, честь, достоинство и другие естественные права человека неприкосновенны. Права и свободы человека и гражданина признаются, соблюдаются и защищаются государством» [1].

Жизнь человека является высшей ценностью, признаваемой как обществом в целом, так и каждым его членом в отдельности. Право на жизнь лежит в основе гуманистических принципов социального устройства. В связи с этим государство несет ответственность за защиту жизни своих граждан, гарантируя им условия для полноценной реализации этого права, а также обеспечивая безопасную и достойную среду для их существования и развития.

Политические, социальные и экономические преобразования в Таджикистане, направленные на формирование правового государства и становление гражданского общества, характеризуются двумя противоположными тенденциями. С одной стороны, наблюдается демократизация и либерализация общественной жизни, сопровождающаяся реализацией комплексных правовых реформ. С другой стороны, усиливаются социальные противоречия, межличностные конфликты. Эти процессы сопровождаются ростом социального неравенства, распространением циничного отношения к духовным ценностям, и пропагандой жестокости и насилия. Все эти факторы способствуют повышению уровня агрессии среди людей, которая нередко проявляется в криминальных формах поведения.

Кроме того, по мере технического прогресса и дальнейшего развития общества появляются ранее неизвестные виды преступлений и методы их реализации. В частности, широкое распространение Интернета привело к возникновению новых форм суицидального поведения, распространение которых напрямую связано с увеличением числа активных пользователей глобальной сети.

Еще 10 июля 2014 года Основатель мира и национального единства, Лидер нации, Президент Республики Таджикистан, уважаемый Эмомали Рахмон в своем выступлении на расширенном заседании коллегии Генеральной прокуратуры Республики Таджикистан, отметил: «Позорное явление самоубийства и покушения на него также является одной из актуальных проблем дня и вызывает серьезную обеспокоенность общества и государства. Несмотря на предпринятые меры, такие позорные явления продолжаются, деятельность правоохранительных органов, других ответственных гос-

ударственных структур и органов в предотвращении и выявлении их причин и факторов до сих пор остается неудовлетворительной» [2].

Применение государством правовых и институциональных механизмов, по защите человеческой, а также мероприятия по прививание общества нетерпимость случаям жестокости, унижения и попрания чести пострадавших, провоцирующих суицидальные действия, далеко не всегда приводят к запланированному благоприятному эффекту.

Так, одной из ключевых задач, закреплённых Законом Республики Таджикистан «О милиции», является «защиту прав и свобод каждого человека и граждан» [4]. Также, задачи, поставленные Законом РТ «О предупреждении насилия в семье» [5], а также предусмотренные «Государственной программой по предупреждению насилия в семье в Республике Таджикистан на 2014-2023 годы» [3] направленные на снижение и искоренение домашнего насилия, также реализованы лишь частично и требуют более эффективных механизмов исполнения.

Именно поэтому уголовное законодательство играет важную роль в профилактике и противодействии случаям доведения людей до самоубийства. Благодаря своей специфической юридической природе уголовный закон является инструментом, позволяющим государству своевременно реагировать на действия, представляющие угрозу жизни и здоровью человека, особенно в ситуациях, когда регулирование таких общественных отношений другими правовыми средствами оказывается недостаточно эффективным. Следовательно, ключевое значение в предупреждении подобных преступлений должно быть уделено именно механизмам уголовно-правового регулирования.

Продолжающиеся правовые реформы в Республике Таджикистан способствуют теоретическим исследованиям вопросов уголовно-правовой защиты прав и свобод человека и гражданина. Уголовное законодательство, признавая жизнь человека высшей ценностью, реализует положения статьи 5 Конституции Республики Таджикистан.

Исходя из этого, уголовное законодательство Республики Таджикистан в статье 109 Уголовного кодекса прямо предусматривает ответственность за совершение действий, направленных на доведение человека до самоубийства.

Самоубийство представляет собой острое социальное явление в Таджикистане, масштабы которого вызывают серьёзную озабоченность. Согласно международной статистике, страна входит в

число государств с высоким уровнем суицидальной активности населения. Вместе с тем следует отметить, что значительная часть зафиксированных случаев самоубийств не содержит признаков преступного деяния.

Так, за период с 2019 по 2023 годы было зарегистрировано 2627 фактов суицидов и попыток их совершения: в 2019 году – 632 случая, в 2020 – 483 случая, в 2021 – 569 случаев, в 2022 – 487 случаев и в 2023 – 456 случаев. При этом количество возбужденных уголовных дел по статье 109 УК РТ («Доведение до самоубийства») за указанный период выглядит следующим образом: 2019 год – 51 дело, 2020 год – 42 дела, 2021 год – 45 дел, 2022 год – 48 дел, 2023 год – 48 дел [31].

Важно отметить, что официальная статистика не способна полноценно отразить действительный масштаб доведения до самоубийства. Так как при совершение данных общественно опасных деяний существуют определенные сложности, связанные с разграничением состава исследуемого преступления и и «убийство» (ст. 104 УК РТ). В связи с перечисленными факторами такие преступления зачастую имеют скрытый характер, и реальный уровень подобных правонарушений может существенно превышать официально зарегистрированные показатели.

Кроме того, проблема правильной квалификации преступления, предусмотренного статьей 109 УК РТ, вызывает значительные трудности на практике. Основные сложности связаны в сложностях доказательства того, что именно противоправное поведение подозреваемого привело к суицидальным последствиям, трудностях в точной квалификации формы вины, необходимости отграничения данного преступления от смежных составов, где самоубийство жертвы может быть одним из возможных исходов.

Также понятие «доведение до самоубийства» является неполным, неясности относительно способов совершения данного преступления, а также в дефиците чётких методических указаний и научно-практических рекомендаций, позволяющих квалифицировать подобные действия создают серьёзные проблемы для эффективного применения статьи 109 УК РТ.

Таким образом, актуальность темы исследования обусловлена высокой общественной опасностью преступления доведения до самоубийства, а также сложностями в его правоприменительной практике и законодательном регулировании.

Самоубийство – это трагический социально-правовой феномен, который во многих случаях становится следствием жестокого

обращения, угроз и систематического унижения достоинства потерпевшего.

Несмотря на криминализацию данного деяния в УК РТ остаются пробелы, в том числе: неполный перечень способов совершения преступления; отсутствие четкого определения субъективной стороны преступления; недостаточная дифференциация ответственности в зависимости от способа совершения преступления.

Кроме того, международный опыт свидетельствует о том, что некоторые государства закрепляют самостоятельные составы преступлений, связанные со склонением к самоубийству и пособничеством в его совершении, тогда как в УК РТ такие нормы отсутствуют.

Все эти обстоятельства нуждаются в глубоком научном изучении. Также требуется улучшить уголовное законодательство и разработать рекомендации, которые помогут в практическом применении закона.

**Степень изученности темы исследования.** На основе анализа специальной монографической литературы можно констатировать, что проблема уголовной ответственности за доведение до самоубийства нуждается в самостоятельной и углублённой разработке. Комплексный характер исследования обусловливает необходимость использования широкого круга источников, охватывающих труды известных учёных прошлого и современности в области общей теории права, конституционного права, уголовного права и криминологии.

Вопросы уголовно-правовой ответственности за доведению до самоубийства рассматривались в трудах таких ученных как Ю.А. Дмитриева [21], А.Н. Калинин [22], О.С. Капинус [9], А.Н. Красикова [10], Н. Лисак [23], Р.Б. Осокин [24], Э.Х. Тарасова [25], Ю.А. Уколова [26], Н.А. Шулепова [27], Д.И. Элмурзаева [30].

